**Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДАСТУРИ МЕТОДИЮ АМАЛӢ ОИД БА ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**МАҶМӮАИ №12-01**

Душанбе 2012

# ДАСТУРИ МЕТОДИЮ АМАЛӢ ОИД БА ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Дар дастури мазкур тамоми шароити фароҳамоварда ва дурнамо нисбат ба шуғлмандии ҷавонон ва равонасозии онҳо ба амалисозии фаъолияти самаранок ва манфиатнок тавассути ташаккули хадамоти гуногун, бахсусус марказҳои ҷавонон оварда мешавад.*

*Дастур ба тамоми ташкилотҳои кор бо ҷавонон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мутахассисон, олимон ва муҳақиқони дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон фаъолиятдошта барои истифода тавсия мегардад.*

**Таҳиягарон**:

**Ҷӯраев К.К.** - муовини аввали Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Миралиев Қ.А.** - мудири Шӯъбаи сиёсати иҷтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ

---

Дар доираи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 ба теъдоди 300 нусха чоп гардид.

# МУНДАРИҶА

I. ПЕШГУФТОР ........................................................................5
II. ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА НАВЪҲОИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН...........................................................................7
III. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН...........................................................9
3.1. ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ..............10
3.1.1. САНАДҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ВОБАСТА БА ТАШАККУЛИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН..........................13
3.1.2. САНАДҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ВОБАСТА БА ТАШАККУЛИ МАРКАЗҲОИ ИМКОНОТИ ҶАВОНОН ..14
3.1.3. САНАДҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ВОБАСТА БА ТАШАККУЛИ МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА БА ҶАВОНОН ..............14
IV. МОДЕЛИ ТАШАККУЛИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.............................................16
4.1. МОДЕЛИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН ВА МАРКАЗҲОИ ИМКОНОТИ ҶАВОНОН...17
4.2. МОДЕЛИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА БА ҶАВОНОН...........................................................................23
V. ДАСТОВАРДҲО ВА МУШКИЛОТ ДАР САМТИ ТАШАККУЛИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН ДАР КИШВАР29
5.1. МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН ..................................................33
5.2. МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА БА ҶАВОНОН.............................................35
5.4. МАРКАЗҲОИ ҶУМҲУРИЯВИИ МАХСУСГАРДОНИДАШУДАИ ҶАВОНОН.......................38
VI. УСТУВОРӢ ВА ЗАМИНАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН ..........................53
VII. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ ............................68

## ИХТИСОРОТ

ВМКБ – Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон
ВНМО/БПНМ – вируси норасоии масунияти одам/бмеории пайдошудаи норасоии масуният
ВАО – васоити ахбори омма
КВД – корхонаи воҳиди давлатӣ
МД –муассисаи давлатӣ
МҶ ва ё Марказ – марказҳои ҷавонон
МИҶ – марказҳои имконоти ҷавонон
ММИХҶ – марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон
НТҶ – ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ
СММ – Созмони Миллаи Муттаҳид

# I. ПЕШГУФТОР

Шахс дар ҳаёт доимо дар ҷустуҷӯ аст. Инсон дар рӯи замин баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои рӯзмара ва манфиатҳои фардӣ ба амалҳои гуногун машғул мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо дар роҳи бадастории манфиатҳо ба кирдору рафторҳои хуб ва адолатнок ва дар баъзе ҳолатҳои дигар, ба рафторҳои номатлуб, ки ҳаёти осоиштаи ҷамъият ва ё шахсони алоҳидаро халадор менамоянд, даст мезанад. Ин амали табии инсон аст ва ба кадом самте, ки мо онро равона созем, ба ҳамон самт меравад. Агар ба самти некӣ равона созем, пас натиҷаиҳои нек ба даст меорем, вале агар ба самти бадӣ, пас оқибати бад ва ё номуваффақиро дучор мегардем.

Аз ин рӯ, дар ин Дастур маҳз масъалаҳои равона сохтани насли ҷавон ба самтҳои самаранок ва нек дар ҳаёти муассир баррасӣ мегардад.

Дар шароити ҷомеаи муосир яке аз усулҳои тарбияи комили ҷавонон ва эмин нигоҳ доштани онҳо аз ҳар гуна омилҳои номатлуб, ин шуғлмандии[1] онҳо мебошад.

Чун Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш қарор дорад, масъалаи машғулияти шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, ки аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд, мубрам гардидааст.

Тибқи омори расмӣ 70% аҳолиро шахсони то 30 сола ташкил медиҳанд. Ҷавонон бошад, ки тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ синнусоли онҳо 14-30 сола муқаррар гардидааст, 35% аҳолӣ 2715 ҳазор нафар мебошанд[2]. Аз ин теъдод ҳудудан 52% ва ё нисф зиёди ҷавонон бешуғл ва ё машғул набудан ба ягон фаъолият баҳогузорӣ мегардад.

---

[1] Шуғлмандӣ ва ё машғул будан, ин банд будан ба фаъолияти муайян мебошад ва ба фаъолияти меҳнатӣ алоқаи бевосита надорад. Яъне, шуғлмандӣ метавонад хусусияти меҳнатӣ дошта бошад ва дар баробари ин метавонад хусусияти маърифатӣ ва фароғатӣ дошта бошад.

[2] Ҷавонон – шахсони 14-30 сола (моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»

Маҳз ҳамин қишр ба фарогирӣ ба шуғлмандӣ ниёз дорад, ки он нисбат ба имконоти мавҷуда теъдоди хело зиёдро ташкил медиҳад. Ва ҳамин қишри ҷавонон бинобар каммашғулиятӣ метавонанд ба самтҳои ногувори ҳаётӣ равона гарданд, агар мо онҳоро ба самтҳои неки ҳаётӣ равона насозем.

Ҳамин тариқ, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои шуғлмандии насли ҷавон, тарбия ва омода намудани онҳо барои рушду такомулёбӣ дар муқобилият ва муқовиматнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва рушди марказҳои ҷавонон дар сатҳи тамоми шаҳру ноҳияҳо ба вуқӯъ мепазирад.

Дар дастури мазкур тамоми шароити фароҳамоварда ва дурнамо нисбат ба шуғлмандии ҷавонон ва равонасозии онҳо ба амалисозии фаъолияти самаранок ва манфиатнок тавассути ташаккули хадамоти гуногун, бахсусус марказҳои ҷавонон оварда мешавад.

Дастур ба тамоми ташкилотҳои кор бо ҷавонон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мутахассисон, олимон ва муҳақиқони дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон фаъолиятдошта барои истифода тавсия мегардад.

# II. ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА НАВЪҲОИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН

Зарурати ташаккул додани марказҳои ҷавонон дар кишвар пеш аз ҳама ба ҷавон будани Тоҷикистон аз нигоҳи аҳолӣ арзёбӣ мегардад. Чун ҷавонон зиёданд барои онҳо ҷиҳати тарбияи комил ва мусоидат ба худташаккулёбӣ ва худамалигардӣ фароҳам овардани шароити мусоид зарурат пайдо мекунад. Бахусус масъалаи машғул гардонидани ҷавонон ба такмили дониш, малака, касбомӯзӣ, эҷодкорӣ, ташкили фароғат, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ғайра муовиқи мақсад аст.

Тибқи омори расмӣ 70% аҳолиро шахсони то 30 сола ташкил медиҳанд. Ҷавонон бошад, ки тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ синнусоли онҳо 14-30 сола муқаррар гардидааст, 35% аҳолӣ 2715 ҳазор нафар мебошанд[1]. Аз ин теъдод 27,7% (745900) ҷавонон ба таҳсил (аз 7 ҳаз. дар хориҷ) фаро гирифта шудаанд.

Ҳудудан 10% ҷавонон ба ҳайси хизматчии давлатӣ ва дар сафи қувваҳои мусаллаҳ дар як вақт машғул ҳастанд.

Тибқи таҳлилҳои таҳқиқотӣ 67% муҳоҷирони меҳнатиро ҷавонони 18-29 сола ташкил медиҳад[2], ки он аз ҳисоби умумии муҳоҷирати меҳнатӣ (750 ҳазор)[3] 502,2 ҳазор ва ё 18,5% мебошад.

Дар соли 2011 1% ҷавонон (28 ҳаз.) расман бекор ва 0,3% ба кор таъмин гардиданд[4].

Дар бораи машғулияти дигар гурӯҳҳои ҷавонон маълумот дастрас нагардид ва дар ниҳоят аз теъдоди умумии ҷавонон ҳудудан 52% онҳо бешуғл баҳогузорӣ мегарданд.

Дар ҳамин асно, ташкили хадамоти гуногуни иҷтимоию

---

[1] Ҷавонон – шахсони 14-30 сола

[2] Маҷмӯаи маводи мизи мудаввар «Таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон», Душанбе, 2009

[3] Омори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

[4] Маҷмӯаи оморӣ: Тоҷикистон: 20 – соли Истиқлолияти давлатӣ ва Омори сиёсати давлатии ҷавонон

фароғатӣ барои ҳарчи бештар фаро гирифтани ҷавонон аз бекоргардию оворагардӣ ва эмин нигоҳ доштани онҳо аз ҳар гуна омилҳои номатлуб ба вуқӯъ мепазирад.

Баъзе аз хадамоти ташаккулёфта чунин мебошанд.

Барои фаро гирифтани наврасон ва ҷавонон бо таҳсил, ҳудудан 4000 муассисаҳои таҳсилотӣ ташаккул ёфтаанд, ки он ҳам бошад, ҷавонони таҳислкунандаро 3-4 соат дар як рӯз фаро мегирад, боқимонда соатҳо онҳо ҳамчун бешуғл арзёбӣ мегарданд.

Ҳамчунин, теъдоди масҷидҳо дар кишвар беш аз 5000 ададро ташкил медиҳанд, ки тақрибан барои фарогирии ҳамагӣ 20-25% аҳолӣ (калонсолон) равона гардидааст. Боиси зикр аст, ки дар бисёр мавридҳо ин масҷидҳо, бахусус масҷидҳои маҳаллӣ истифода намегарданд, яъне бесамар мемонанд.

Дар баъзе ноҳияҳо бошад, аз теъдоди мактаб дида, шумораи масҷидҳо зиёд аст. Барои мисол: дар ҷамоати Ҳ. ноҳияи Н. 13 мактаб, вале 25 масҷидҳо фаъолият дорад. Пас таваҷҷӯҳ ба тарбия ва таълими насли ҷавон кучо мемонад, агар ҳама калонсолон дар фикри худ бошанд. Тибқи шариат таълиму тарбияи фарзанд фарз аст, на сохтмони масҷиди боҳашамат.

Марказҳои фарҳангӣ бошад, ҳамагӣ, аз қабили Клубҳо 953 адад, ки нисбат ба соли 1991 66% кам гардидааст ва театрҳо 16 ададро ташкил медиҳанд.

Дар пайвастагӣ ба ин ва бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба шуғли доимӣ фаро гирифтани насли ҷавон, тарбия ва омода намудани онҳо барои рушду такомулёбӣ дар муқобилият ва муқовиматнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва рушди марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо зарурат пайдо менамояд.

## III. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН

Заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти марказҳои ҷавононро асноди зерин, ки бевосита ба ташаккул ва рушди иқтидорнокии марказҳои ҷавонон дар кишва вобастагӣ дорад, ташкил медиҳанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004 №5[1];
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №609 «Дар бораи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикисто[2];
- Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон то соли 2020[3];
- Банди 20 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012 №34 "Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012";
- Қарори ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ "Оид ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" барои солҳои 2010-2012" аз 6 апрели соли 2012 №5;
- Банди 28 Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 №4;
- Банди 15 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2012";
- Нақшаи миллии чорабиниҳои якҷояи Кумита ва

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тайиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 28 июни соли 2011 №716

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 №228

[3] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 №480

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба табдил додани чойхонаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба марказҳои фарҳангиву фароғатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки воқеан барои намозгузорӣ истифода мешаванд (аз ҷониби муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р.А. аз 30 июни соли 2011 тасдиқ гардидааст);

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2005 №184 "Оид ба тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар аз 21 майи соли 2005 баён гардидаанд".

## 3.1. **Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Асоснокии қонунӣ**

Асосҳои қонунгузориро вобаста ба ташакули марказҳои ҷавонон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" ташкил медиҳад. Бахусус моддаи 24. ин Қонун, ки ба муайян кардани мақоми ташкилотҳои махсуси кор бо ҷавонон равона гардидааст, чунин муқаррар намудааст:

"*Ба ташкилотҳои махсуси кор бо ҷавонон инҳо тааллуқ доранд*:

-*муассисаҳои иҷтимоӣ, марказҳои иттилоот, ташкилотҳои мусоидат ба шуғли ҷавонон (барномаҳои меҳнатӣ ва марказҳои шуғли ҷавонон)*;

-*хона ва қасрҳои ҷавонон, муассисаҳои ҷисмонию варзишӣ, марказҳо ва клубҳои ҷавонон*;

-*иттиҳодия ва дастаҳои ҷӯяндагон, марказ ва лагерҳои солимгардонӣ*;

-*дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки барнома ва нақшаи кор бо ҷавонон, аз ҷумла барномаҳои ғайритиҷоратии муфидро анҷом медиҳанд*.

*Фаъолияти ташкилотҳои махсуси кор бо ҷавонон, аз ҷумла фаъолият оид ба истеҳсоли мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) барои ҷавонон, ҳуҷҷатҳои таъсисотии онҳо*

*ва низомномаҳои намунавии ташкилотҳои мазкур танзим менамоянд.*

*Мақомоти давлатии кор бо ҷавонон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ фаъолияти ташкилотҳои махсуси кор бо ҷавононро ҳамоҳанг сохта, онҳоро дар асоси шартнома аз ҷиҳати моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ менамоянд.*".

Яъне, мафҳуми қонунии маркази ҷавонон, ин ташкилоти махсуси кор бо ҷавонон мебошад ва фаъолияти он метавонад бисёрҷабҳа ва ё маҳдуд бошад ва мавриди созмон додани чунин марказҳои ҷавонон, масъулинро мебояд, ки маҳз ба ҳамин нуқта ҳачмун асоснокии қонунӣ такя намоянд.

**Асоснокии ҳуқуқӣ**

Асоси ҳуқуқӣ ва ё заминаи меъёриро оид ба таъсиси марказҳои ҷавонон Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2006, №609 тасдиқ гардидааст, ташкил медиҳад.

Ин муқаррарот тибқи замимаи 4 Низомномаи Кумита "*Рӯйхати ташкилотҳои системаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*" чунин муайян гардидааст: "*Корхонаҳои воҳиди давлатии марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо*".

Яъне, тибқи ин муқарраро марказҳои ҷавонон метавонанд дар сурати шахси ҳуқуқӣ шудан, дар шакли корхонаи воҳиди давлатӣ таъсис ёбанд. Барои ин, расмиёти зиёд лозим нест. Масъулон Оинномаи маркази ҷавононро тибқи Оинномаи намунавӣ (дар поён оварда мешавад) таҳия намуда, онро барои тасдиқ ба Кумита пешниҳод менамоянд. Дигар расмиёти бақайдгирӣ дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо (тавассути равзанаи ягонаи бақайдгириии шахсони ҳуқуқӣ) ба анҷом расонида мешавад, ки он ҳам на зиёда аз 3 рӯзро фаро мегирад.

Ҳамчунин, марказҳои ҷавонон метавонанд дар шакли муассисаҳои давлатӣ фаъолият намоянд. Дар ин сурат онҳо ҳамчун ташкилоти системаи Кумита (зертобеъ) маҳсуб намегарданд ва тамоми расмиёти бақайдгирӣ дар сатҳи

бевоситаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба анҷом расонида мешавад.

Фарқияти ин ду навъи ба шахси ҳуқуқӣ табдил додани марказҳои ҷавонон дар он аст, ки дар сурати ҳамчун корхонаи воҳиди давлатӣ таъсис ёфтан, онҳо зертобеи Кумита ва ё Кумита муассиси онҳо мегардад ва дар доираи имконоти мавҷуда фаъолияти онҳо мунтазам дар сатҳи ҷумҳурӣ дастгирӣ меёбад. Вале дар сурати ҳамчун муассисаи давлатӣ таъсис ёфтан, муассиси марказҳои ҷавонон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ё дигар шахсони ҳуқуқӣ муқаррар мегарданд ва дастгирии онҳо низ дар сатҳи ҳамон мақомот (маҳалҳо) сурат мегирад.

Дар баробари ин, марказҳои ҷавонон метавонанд дар сатҳи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоатҳо) дар шакли КВД ва ё МД ташкил карда шаванд.

**Дигар асосҳои меъёрӣ**

Дар баробари асноди дар боло зикргардида, ҳамчунин асоснокии ҳуқуқии ташкили марказҳои ҷавононро дар кишвар дар соли 2012 Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 №4 ташкил медиҳад, ки тибқи он тамоми сохторҳои давлатӣ ҷиҳати таъсис ва рушди марказҳои ҷавонон вазифадор гардидаанд. Аз ҷумла, дар Протоколи мазкур омадааст "28. *Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р.А., Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Неъматов М.М.), мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шӯъбаҳои оид ба масъалаҳои ҷавонон, спорт ва туризм (Мирсаидова Д.А.) ва ташкилии Дастгоҳи иҷроия (Риоев Н.) бо мақсади дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ тарбияи намудани ҷавонон, ташаккули ҷаҳонбинии онҳо, фарогирӣ ба таҳсил ва таъмин бо ҷои кор вазифадор карда шаванд, ки дар самти бунёди марказҳои фарҳангиву фароғатии ҷавонон, инчунин таъмини фаъолияти мунтазами онҳо дар шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳоти мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешанд*".

Яъне, мутобиқи ин дастур тамоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои Кумита вазифадор гардидаанд, ки дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва маҳал марказҳои ҷавононро ташкил намоянд ва аз натиҷаи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намоянд.

Ҳамчунин, масъалаҳои таъсиси марказҳои ҷавонон дар Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ба таври зайл ифода гардидааст:

"*Барои ноил гардидан ба мақсадҳои Стартегияи мазкур ҷорӣ намудани механизмҳои таъсири мустақим ба ҷавонон талаб карда мешавад, ки самарабахшии баланд ва ба таври фаврӣ идоракунии равандҳои вобаста ба ҷавонон бамиёномадаро таъмин менамояд.*

*Аз ин рӯ, самтҳои афзалиятноки Стратегияи мазкур лоиҳаҳоеро пешбинӣ менамояд, ки дар сатҳи ҷумхуриявӣ ва маҳаллӣ татбиқ карда мешаванд. Дар доираи лоиҳаҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ чорабиниҳое дастгирӣ меёбанд, ки нисбат ба тамоми ҷавонони кишвар нигаронида шудаанд, аз ҷумла маъракаҳои оммавӣ, барномаҳо, озмунҳо, иқдомҳои ҷавонон мебошанд. Дар доираи лоиҳахо дар сатҳи минтақавӣ барои ҳалли вазифаҳое, ки ҳамин Стратегия ва барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, шароитҳо фароҳам оварда мешаванд*.".

Яъне, дар ин аснод таъсиси марказҳои ҷавонон тавассути таҳия ва амалигардонии лоиҳаҳои махсус бararсӣ гардидааст, ки дар шароити рушди ҷомеаи муосир мувофиқи мақсад аст.

### 3.1.1. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба ташаккули марказҳои ҷавонон

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба ташаккули фаъолияти марказҳои ҷавонон бо дарназардошти асноди боло, ки хусусияти умумӣ доранд, инчунин санадҳои махсус, аз қабили фармоиши раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии

назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассис, Оинннома, қарору фармоишҳо ва нақшаҳо кори соҳавӣ иборат мебошанд.

Дар зер бо мақсади дастгирии методии марказҳои ҷавонон Оинномаи намунавӣ дар замимаи 1, намунаи фармоиши директор дар замимаи 2, намунаи нақшаи кори Марказ дар замимаи 3 ва шакли пешниҳоди ҳисоботи даврӣ дар замимаи 4 барои истифода пешниҳод мегарданд.

### 3.1.2. **Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба ташаккули марказҳои имконоти ҷавонон**

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба ташаккули фаъолияти марказҳои имконоти ҷавонон бо дарназардошти асноди боло, ки хусусияти умумӣ доранд, инчунин санадҳои махсус, аз қабили фармоиши раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассис, Оиннома, қарору фармоишҳо ва нақшаҳо кори соҳавӣ иборат мебошанд.

Фаъолияти марказҳои имконоти ҷавонон низ ба монанди марказҳои ҷавонон  тибқи замимаҳои 1, 2, 3 ва 4 ба роҳ монда мешавад.

### 3.1.3. **Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба ташаккули марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон**

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба ташаккули фаъолияти марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон бо дарназардошти асноди боло, ки хусусияти умумӣ доранд, инчунин санадҳои махсус, аз қабили фармоиши раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассис, Низомнома, қарорҳо ва нақшаҳо корӣ иборат мебошанд.

Чун марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба

ҷавонон иттиҳодияҳои ғайрирасмии ҷавонон мебошанд, бо мақсади дастгирии методии онҳо Низомномаи намунавӣ дар замимаи 5 ва намунаи нақшаи кори Марказ тибқи замимаи 3 барои истифода пешниҳод мегарданд.

Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон қарор ва фармоиш бароварда наметавонанд. Вале мумкин аст, ки Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон ба корхонаҳои воҳиди давлатӣ табдил дода шаванд. Дар ин сурат имконоти ин марказҳо зиёд мегардад.

Дар баробари ин, асоси фаъолияти Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавононро Шартномаи (замимаи 6) байни Кумита ва муассисаи заминавии Марказ ташкил медиҳад, ки тибқи он тамоми чорчӯбаҳои фаъолият муқаррар мегарданд.

Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон айни замон тибқи фармоиши Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.02.2010 №19 ба тобеияти КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» гузаронида шудаанд ва тамоми асноди ҳуқуқӣ дар сатҳи ҳамин корхона ба амал бароварда мешавад.

## IV. Модели ташаккули марказҳои ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилхоҳ фаъолият барои ба бор овардани самара дар доиари чаҳорчӯбаи муайян роҳандозӣ мегардад. Фаъолияти марказҳои ҷавонон, ки аслан хусусияти иҷтимоӣ дошта, ҳамарӯза ба хазматрасонии маҷмӯӣ ба садҳо ҷавонон нигаронида шудааст, ба чунин навъ чорчӯба ниёз дорад.

Бо ҳамин мақсад дар зер Модели фаъолияти марказҳои ҷавонон ва Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон барои истифодабари таъсис дода мешаванд.

Марказҳои ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду шакл, расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷудо мешаванд.

Тибқи қонунгузории ҷорӣ марказҳои ҷавонон дар шакли ҳуқуқӣ (расмӣ) ба чунин навъи хадамот фаъолият менамоянд ва ё фаъолият карда метавонанд:

- корхонаҳои воҳиди давлатии "Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо";
- муассисаҳои давлати "Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо".

Дар шакли ғайрирасмӣ бошад, марказҳои ҷавонон ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

- марказҳои ҷавонон;
- марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон;
- марказҳои тиббию машваратии ҷавонон.

Дар зер Модели ташаккули фаъолияти марказҳои ҷавонон ва марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон оварда мешавад ва ба тамоми манфиатдорон тавсия дода мешавад, ки мавриди созмони марказҳои ҷавонон моделҳои мазкурро ҳамчун дастур истифода намоянд.

## 4.1. **Модели ташаккули фаъолияти марказҳои ҷавонон ва марказҳои имконоти ҷавонон**

### 1. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

### 1.1. МАҚСАД

Фароҳам овардани шароити мусоид (таъсис ва рушди марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо) барои ба шуғли доимӣ фаро гирифтани насли ҷавон, тарбия ва омода намудани онҳо барои рушду такомулёбӣ дар муқобилият ва рақобатнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир.

### 1.2. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

Барои амалӣ гардонидани мақсади гузошташуда, дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Марказҳои ҷавонон ташкил мегарданд, ки дар самтҳои зерин фаъолият менамоянд:

- ташкил ва баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ оид ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ;
- ташкили маҳфилҳои худфаъолияти эҷодӣ ва ихтироотии ҷавонон, аз ҷумла дар самти технологияҳои иттилоотӣ;
- ташкили маҳфилҳои худфаъолияти фарҳангӣ ва фароғатии ҷавонон;
- ташкили давраҳои омӯзишӣ оид ба забонҳои хориҷӣ, кор бо технологияҳои иттилоотӣ, дузандагӣ ва дигар малакаҳои ҳаётӣ барои наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла ҷавондухтарон;
- ташкили давраҳои омӯзишӣ оид ба малакаҳои ҳаётӣ ва дастгирии иҷтимоии ҷавонони осебпазир, маъюб ва оворагад;
- ташкили маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон аз рӯи принсипи "ҳамсол ба ҳамсол";
- ташкили хадамоти Телефони Боварӣ ва машваратдиҳӣ ба ҷавонон оид ба мушкилоти ҳаётӣ;
- мунтазам баргузории машғулиятҳо/тренингҳо барои

такмили ихтисоси мутахассисони кор бо ҷавонон дар самти рушди фаъолият;

- мунтазам баргузории машғулиятҳо/семинарҳо барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи наврасон ва ҷавонон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ;
- ташкили маҳфилҳои варзишию оммавӣ ва баргузории чорабиниҳои алоқаманд дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- ташкили намоиши барномаҳои театрӣ ва кинофилмҳо.

## 2. ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ

Заминаҳои асосии меъёрию ҳуқуқии ташаккули Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавононро дар кишвар асноди зерин ташкил медиҳад:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон";
- Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 тасдиқ гардидааст №228;
- Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 №480 тасдиқ гардидааст;
- барномаҳои давлатии "Ҷавонони Тоҷикистон", "Тарбияи ватандӯстии ҷавонон" ва "Рушди саломатии ҷавонон", ки мунтазам дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ мегарданд;
- банди 20 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012 №34 "Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012";
- қарори ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ "Оид ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" барои солҳои 2010-2012" аз 6 апрели соли 2012 №5 ;

- Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 ;

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №609 "Дар бораи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон";

- Нақшаи миллии чорабиниҳои якҷояи Кумита ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба табдил додани чойхонаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба марказҳои фарҳангиву фароғатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки воқеан барои намозгузорӣ истифода мешаванд (аз ҷониби муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р.А. аз 30 июни соли 2011 тасдиқ гардидааст);

- ?арори ?укумати Ҷум?урии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2005 №184 "Оид ба тасдиқи На?шаи чорабини?о ҷи?ати иҷрои супоришу дастур?ои Президенти Ҷум?урии Тоҷикистон дар муло?от бо ҷавонони кишвар аз 21 майи соли 2005 баён гардидаанд".

## 3. БАРНОМАИ/СОХТОРИ ТАШКИЛӢ

Бо дарназардошти талаботи воқеии ҷавонон ва ташкилотҳои ҷавонон сохтори ташкилию амалии Марказҳои ҷавонон аз хадамоти зерин иборат мебошад:

1. Толори/Маркази робитаҳо - барои ташкили корҳои идорӣ;
2. Толори калон - барои баргузории чорабиниҳои маърифатӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ (барномаҳои театрӣ ва кинофилмҳо);
3. Толори хурд - барои баргузории ҷамомадҳои корӣ, тренингҳо ва семинарҳо;
4. Ҳуҷраи эҷодиёт - барои ташкили маҳфилҳои худфаъолияти эҷодӣ ва ихтироотии ҷавонон;
5. Ҳуҷраи маънавиёт - барои ташкили маҳфилҳои худфаъолияти фарҳангӣ ва фароғатии ҷавонон;
6. Синфхонаи забономӯзӣ - барои ташкили давраҳои

омӯзишӣ оид ба забонҳои хориҷӣ;

7. Синфхонаи иттилоотӣ - барои ташкили давраҳои омӯзиши кор бо технологияҳои иттилоотӣ/компютерӣ;

8. Синфхонаи дӯзандагӣ - барои омӯзиши малакаҳои дузандагӣ;

9. Ҳуҷраи ихтиёриён - барои ташкили маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон аз рӯи принсипи "ҳамсол ба ҳамсол";

10. Ҳуҷраи машваратӣ - барои ташкили хадамоти Телефони Боварӣ ва машваратдиҳӣ ба ҷавонон оид ба мушкилоти ҳаётӣ;

11. Толори варзишӣ - барои ташкили маҳфилҳои варзишӣ-оммавӣ ва баргузории чорабиниҳои алоқаманд дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим.

## 4. СОХТОРИ РАВОБИТИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН



## 1. РӮЙХАТИ ВОҲИДҲОИ КОРИИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН

| № | **Воҳиди корӣ** | **Теъдод** |
|---|---|---|
| 1. | Директор | 1 нафар |
| 2. | Муҳосиб | 1 нафар |
| 3. | Мутахассис оид ба корҳоиташкилӣ | 1 нафар |
| 4. | Мутахассиси соҳаи компютерӣ | 1 нафар |
| 5. | Мутахассис оид ба корҳои эҷодӣ | 1 нафар |
| 6. | Мутахассис оид ба корҳои фарҳангӣ | 1 нафар |
| 7. | Омӯзгорони бахши технологияи иттилоотӣ/компютерӣ | 3 нафар |
| 8. | Омӯзгорони бахши забонҳои хориҷӣ | 2 нафар |
| 9. | Омӯзгорони бахши дӯзандагӣ | 2 нафар |
| 10. | Ҳамоҳангсози Маҳфили ихтиёриён | 1 нафар |
| 11. | Мутахассис-машвартчӣ | 1 нафар |
| 12. | Ҳамоҳангсози Маҳфили ихтиёриён | 1 нафар |
| 13. | Ихтиёриён | 20 нафар |
| 14. | Фарош | 1 нафар |
| 15. | Посбон | 1 нафар |
| **Ҳамагӣ** | | 38 **нафар** |

Эзоҳ: бо дарназардошти имконоти иқтисодии марказҳо дар давраи ташаккулёбӣ, тавсия мегардад, ки ба ғайр аз раёсати Марказ боқимонда кормандон ба таври шартнома бо нишондоди мӯҳлатҳои маҳдуди дахлдор қабул карда шаванд.

# 1. ТАЛАБОТИ МАСОҲАТИИ ХАДАМОТИ МАРКАЗҲОИ ҶАВОНОН

| Номгӯи хадамот | Масоҳат |
|---|---|
| Толори/Маркази робитаҳо | 25 м$^2$ |
| Толори калон | 100-200м$^2$ |
| Толори хурд | 60 м$^2$ |
| Хуҷраи эҷодиёт | 50м$^2$ |
| Хуҷраи маънавиёт | 30 м$^2$ |
| Синфхонаи забономӯзӣ | 40 м$^2$ |
| Синфхонаи иттилоотӣ | 40 м$^2$ |
| Синфхонаи дӯзандагӣ | 40 м$^2$ |
| Хуҷраи ихтиёриён | 30 м$^2$ |
| Хуҷраи машваратӣ | 25 м$^2$ |
| Толори варзишӣ | 70 м$^2$ |
| **ҲАМАГӢ** | **510-610 м$^2$** |

## 4.2. Модели ташаккули фаъолияти марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон

### 1. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

### 1.1. МАҚСАД

Фароҳам овардани шароити мусоид (таъсис ва рушди Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳо) барои ба шуғли доимӣ фаро гирифтани насли ҷавон, тарбия ва омода намудани онҳо барои рушду такомулёбӣ дар муқобилият ва рақобатнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир.

### 1.2. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

Барои амалӣ гардонидани мақсади гузошташуда, дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавонон ташкил мегарданд, ки дар самтҳои зерин фаъолият менамоянд:

- ташкил ва баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ оид ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ;
- ташкили маҳфилҳои худфаъолияти эҷодӣ ва ихтироотии ҷавонон, аз ҷумла дар самти технологияҳои иттилоотӣ;
- ташкили маҳфилҳои худфаъолияти фарҳангӣ ва фароғатии ҷавонон;
- ташкили давраҳои омӯзишӣ оид ба забонҳои хориҷӣ, кор бо технологияҳои иттилоотӣ, дузандагӣ ва дигар малакаҳои ҳаётӣ барои наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла ҷавондухтарон;
- ташкили давраҳои омӯзишӣ оид ба малакаҳои ҳаётӣ ва дастгирии иҷтимоии ҷавонони осебпазир, маъюб ва оворагад;
- ташкили маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон аз рӯи принсипи "ҳамсол ба ҳамсол";
- ташкили хадамоти Телефони Боварӣ ва машваратдиҳӣ

ба ҷавонон оид ба мушкилоти ҳаётӣ;

- мунтазам баргузории машғулиятҳо/тренингҳо барои такмили ихтисоси мутахассисони кор бо ҷавонон дар самти рушди фаъолият;

- мунтазам баргузории машғулиятҳо/семинарҳо барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи наврасон ва ҷавонон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ;

- ташкили маҳфилҳои варзишӣ-оммавӣ ва баргузории чорабиниҳои алоқаманд дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- ташкили намоиши барномаҳои театрӣ ва кинофилмҳо.

## 2. ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ

Заминаҳои асосии меъёрию ҳуқуқии ташаккули Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавононро дар кишвар асноди зерин ташкил медиҳад:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон";

- Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 тасдиқ гардидааст №228;

- Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 №480 тасдиқ гардидааст;

- барномаҳои давлатии "Ҷавонони Тоҷикистон", "Тарбияи ватандӯстии ҷавонон" ва "Рушди саломатии ҷавонон", ки мунтазам дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ мегарданд;

- банди 20 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012 №34 "Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012";

- қарори ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ "Оид ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи "Ҷавонони

Тоҷикистон" барои солҳои 2010-2012" аз 6 апрели соли 2012 №5 ;

- Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 ;

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №609 "Дар бораи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон";

- Нақшаи миллии чорабиниҳои якҷояи Кумита ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба табдил додани чойхонаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба марказҳои фарҳангиву фароғатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки воқеан барои намозгузорӣ истифода мешаванд (аз ҷониби муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р.А. аз 30 июни соли 2011 тасдиқ гардидааст);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2005 №184 "Оид ба тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар аз 21 майи соли 2005 баён гардидаанд".

## 3. БАРНОМАИ/СОХТОРИ ТАШКИЛӢ

### 3.1. ТАРТИБИ ТАШКИЛ

Аслан модели ташкили Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон барои хизматрасонӣ ба ҷавонон дар маҳали зист, аниқтараш дар ҷамоатҳо бо истифодаи начандон бинои калон ва маблағгузории кам нигаронида шудааст.

Дар баробари ин Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳо метавонанд ҳам тиҷоратӣ ва ҳам ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) бошанд. Яъне, дилхоҳ шахси ҳуқуқӣ ва ё шахси воқеъӣ метавонад дар сатҳи ҷамоати худ Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавононро бо хизматрасонии алоқаманд роҳандозӣ намояд.

Муҳим он нест, ки Марказ ҳатман иҷтимоӣ бошад, чун фарогирии омма ба дилхоҳ хизматрасонии манфиатнок, ин аллакай дастовард аст. Яъне, Марказ метавонад дар шакли тиҷоратӣ низ фаъолият дошта бошад ва зарур аст, ки кори он тибқи намудҳои хизматрасонии дар банди 4.2. муқарраргардида, муайян карда шавад, чун талаботи имрӯзаи ҷавонон ва ҷомеаи муосир маҳз ба ҳамин қабил хизматраоснихо ҳамбастагӣ дорад.

Асосҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкил ва ба роҳ мондани тартиби фаъолияти Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон дар банди 3. оварда шудааст ва мавриди ташкили фаъолият кифоя аст, ки асноди ҳуқуқии дар боло зикргардида, нишон дода шавад.

## 3.2. СОХТОРИ МАРКАЗ

Бо дарназардошти талаботи воқеии ҷавонон ва ташкилотҳои ҷавонон сохтори ташкилию амалии Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавонон аз хадамоти зерин иборат мебошад:

1. Толори/Маркази робитаҳо - барои ташкили корҳои идорӣ ва фаъолияти маҳфили ихтиёриёни ҷавон дар самти пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон аз рӯи принсипи "ҳамсол ба ҳамсол";

2. Синфхона - барои ташкили давраҳои омӯзишӣ оид ба забонҳои хориҷӣ ва кор бо технологияҳои иттилоотӣ/компютерӣ ва ё омӯзиши малакаҳои дузандагӣ;

Барои фаъолияти Маркази маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон зарур нест, ки ба мисли Марказҳои имконоти ҷавонон толорҳои хурду калони зиёд дошта бошад. Кифоя аст, агар дар дилхоҳ бино ду ҳуҷраи алоҳида бо даромадгоҳи алоқаманд (алоҳида) дар ҳаҷми 30-40м2 ҳар кадоме маҳфуз бошад. Чаро даромадгоҳи алоқаманд, чун ҷавонон аслан серҳаракатанд ва дар ҳолати фаъолият доштан дар бинои маъмурӣ, метавонанд, ки ба дигарон халал расонанд. Аз ин рӯ, ҷойгири кардани бино ва ё толорҳои

Марказ дар алоҳидагӣ, дуртар аз биноҳои маъмурӣ ва ё бо даромадгоҳи алоҳида дар биноҳои маъмурӣ мувофиқи мақсад аст.

Инчунин, Марказҳоро мумкин аст, ки дар биноҳои шахсӣ, ки барои истиқомат муқаррар нагардида бошад, ташкил намуд. Яъне дар ин роҳи ободони ва саҳмгузорӣ дар рушду равнақи кишвар ягон маҳдудиятҳои хосе мавҷуд нест.

## 4. СОХТОРИ РАВОБИТИ МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА ҶАВОНОН



## 5. **РӮЙХАТИ ВОҲИДҲОИ КОРИИ МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА ҶАВОНОН**

| № | **Воҳиди корӣ** | **Тедод** |
|---|---|---|
| 1. | Роҳбар (вобаста ба шакли фаъолият) | 1 нафар |
| 2. | Муҳосиб | 1 нафар |
| 3. | Мутахассис оид ба корҳои ташкилӣ ва техникӣ | 1 нафар |
| 4. | Омӯзгорони бахши технологияи иттилоотӣ/компютерӣ | 2 нафар |
| 5. | Омӯзгорони бахши забонҳои хориҷӣ | 2 нафар |
| 6. | Омӯзгорони бахши дӯзандагӣ | 2 нафар |
| 7. | Ҳамоҳангсози Маҳфили ихтиёриёни ҷавон | 1 нафар |
| 8. | Ихтиёриён | 20 нафар |
| 9. | Фарош | 1 нафар |
| 10. | Посбон | 1 нафар |
| **Ҳамагӣ** | | 32 **нафар** |

Эзоҳ: бо дарназардошти имконоти иқтисодии марказҳо дар давраи ташаккулёбӣ, тавсия мегардад, ки ба ғайр аз раёсати Марказ боқимонда кормандон ба таври шартнома бо нишондоди мӯҳлатҳои маҳдуди дахлдор қабул карда шаванд

## V. Дастовардҳо ва мушкилот дар самти ташаккули марказҳои ҷавонон дар кишвар

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба шуғли доимӣ фаро гирифтани насли ҷавон, тарбия ва омода намудани онҳо барои рушду такомулёбӣ дар муқобилият ва муқовиматнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва рушди марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар кишвар имрӯз ба ҳисоби умумӣ 66 марказҳои ҷавонон таъсис ёфтаанд. Аз ин теъдод ҳамагӣ бинои 4 марказ дар тавозуни бевоситаи Кумита мебошад. 83,3% бинои марказҳо моликияти коммуналӣ\мақомоти маҳаллӣ мебошад. 10,6% бинои марказҳо бошад дар тавозуни зерсохтори Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон КВД "Тоҷиккино" қарор доранд. Бо сабабҳои дастгирии сусти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъмирталабу ниёзи таҷҳизоти корӣ доштан, 43,9% марказҳо камфаъоланд ва ё фаъолият надоранд.

### Шакли фаъолияти марказҳо

Дар воқеъ татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таъмини таълиму маърифати сифатнок ва муассирро барои ҷавонон тақозо менамояд. Дар ҷаҳони муосир бисёр механизмҳое ташаккул ёфтаанд, ки дар ин самт рӯи кор қарор доранд. Бахсус системаи маориф, ки дар як рӯз ҳудудан 3-4 соат бо шахси ҷавон бевосита кор мекунад ва таълим медиҳад. Вале, чун ҷаҳони шахси ҷавон, қобилияти зеҳниву ҷисмонии ӯ серталаб аст, доимо толиби ҳаракат аст. Яъне, фаро гирифтани ӯ 3 соат дар як рӯз талаботи воқеии ӯро қонеъ намегардонад ва зарур аст, ки ин фосилаи (ҷойи холигии) фарогирӣ ва ё машғулгардонии шахси ҷавон пур карда шавад, то ӯ имкон пайдо нанамояд, ки ба беҳудагардӣ, оворагардӣ ва корҳои ношоям даст ёбад.

Дар баробари ин, вобаста ба талаботи таҳсилоти муосир

ва бозори меҳнат таълими мактабӣ, бахусус дар шароити кишвар ба шахси ҷавон кифоягӣ намекунад. Имрӯз дилхоҳ шахси ҷавонро зарур аст, ки ҳануз аз хурдсолӣ малакаи кор бо дастгоҳҳои компютерӣ ва шабакаи интернетиро дошта бошад, забони русӣ ва ё ангисиро донистa бошад ва аз ин гузашта аллакай касб ва ихтисоси худро интихоб карда бошад - ҳамин аст ҷаҳони воқеии шахси ҷавони муосир.

Ҳамчунин, шахси ҷавон аз омӯхтан ва таълим гирифтан дида, бештар ба фароғат ва даву тоз рағбат дорад. Ин маънои онро надорад, ки ҳаёти ҷавононро рангин ва пур аз фароғат намоем, вале зарур аст, ки тавозуни таълиму тарбия ва мустақилият, аз ҷумла фароғати шахси ҷавон таъмин карда швад, то шахси ҷавон камолоти пурра бинад.

Бо дарназардошти таҳлили боло дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таъмини таълими сифатнок барои ҷавонон хусусияти афзалиятӣ пайдо намудааст.

Марказҳои ҷавонон дар ҷумҳурӣ дар ду шакл шахси ҳуқуқӣ ва ғайри ҳуқуқӣ фаъолият доранд. 10 марказҳои ҷавонон шахси ҳуқуқӣ буда, дар шакли корхонаҳои воҳид ва муассисаҳои давлатӣ, ки пурра мустақил мебошанд, фаъолият карда истодаанд. Боқимонда 56 марказҳо дар тобеияти сохторҳои маҳаллии Кумита ба шакли гурӯҳи ташаббусӣ ва ё ташкилоти ғайриҳуқуқӣ фаъолият доранд.

Дар баробари ин, фаъолияти марказҳои ҷавонон ба якчанд навъ ҷудо мешавад. Аз ҷумла, аз шумораи умумӣ 34 марказҳои ҷавонон, 27 марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон ва 5 марказҳои ҷумҳуриявии махсусгардонидашудаии ҷавонон фаъолият доранд. Ҳамчунин, дар тобеияти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 Марказҳои тибию машваратии ҷавонон фаъолият доранд, ки мунтазам ҷавононро бо хизматрасонии таббии дастрас фаро мегиранд.

Дар воқеъ дил мехоҳад, ки ҳамаи марказҳои фаъолиятдошта ба шахси ҳуқуқӣ табдил дода шаванд ва мустақилона фаъолият намоянд, то хизматрасонии онҳо барои ҷавонон бемамоният бошад. Вале мутаассифона дар ин роҳ

якчанд мушкилот мавҷуд аст, ки ҳалли онҳо дастаҷамъӣ, бахусус таъсири мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатро тақозо менамояд.

Мушкилоти муҳим он аст, ки биноҳои марказҳои ҷавонон дар тавозун ва ё истифодаи бевоситаи марказҳо намебошад, ҳамчунин, қисми муайяни биноҳо дар тавозуни дигар соҳа, яъне мақомоти Тоҷиккино мебошад ва имрӯз гузаронидани онҳо барои истифодаи марказҳои ҷавонон ғайриимкон гардидааст.

Дигар мушкилот он аст, ки андозҳои ҷорӣ барои мустақил ва ё худмаблағгузор шудани марказҳои ҷавонон имконпазир нестанд ва мавриди таъсис эҳтимоли ба қарзҳои зиёд бор гардидани марказҳо аз андоз наздик аст.

Дар сатҳи маҳалҳо вобаста ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду такомули ҷавонон, бахусус таъсиси марказҳои ҷавонон таваҷҷӯҳ начандон зоҳир менамоянд. Шаҳодати ин гуфтаҳо он аст, ки теъдоди марказҳо ба 10000 ҷавон низ ногувор арзёбӣ гардидааст (Ҷадвали №1), ҳол он ки ҳар як Маркази ҷавонон дар як сол иқтидори бо хизматрасонии сифатнок фарогирии ҳамагӣ 2000 ҷавонро дораду халос.

Ҳамин тариқ, дар ВМКБ 3 марказҳои ҷавонон, Суғд 10 марказ, Хатлон 22 марказ ва НТҶ 20 марказ барои ҷавонон ба хизматрасонӣ машғуланд.

Дар шаҳри Душанбе дар натиҷаи Фестивали дӯстии ҷавонон - 2007 ва мулоқоти роҳбарияти шаҳри Душанбе бо иштирокдорони Фестивал қарор дода шуда буд, ки дар шаҳри Душанбе Маркази ҷавонон сохта мешавад ва чунин ҳам шуд. Дар шаҳри Душанбе дар мавзеи ҷойгиршавии собиқ кинотеатри "Бадахшон" Маркази ҷавонон сохта шуда, он соли 2009 бо иштироки бевоситаи сарвари кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кушода шуд ва Маркази ҷавонони пойтахт номгӯзорӣ гардид ва ин Марказ ҳамчун Маркази равобити пойтахт фаъолият дорад.

Ҳамчунин, дар шаҳри Душанбе Маркази маҷмӯии ҷавонон, ки дар заминаи собиқ кинотеатри 8 март фаъолият

дорад ва ба ҷавонон хизмат мерасонад ва он зерсохтори мақомоти ҷумҳуриявӣ (Кумита) мебошад.

Ҷадвали №1




Ҷӣ тавре аз Ҷадвали №1 дида мешавад, теъдоди марказҳои ҷавонон ба 10000 ҷавон ҳам норасоӣ дорад. Дар баробари ин на дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо марказҳои ҷавонон таъсис ёфтаанд, ки боиси нигаронист. Танҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ теъдоди марказҳо нисбат ба ноҳияҳо бештар нишон дода шудаанд, ки аксарияти он ба шаҳри Ваҳдат бо фаъолият доштани 10 Марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон рост меояд, ки бо ташаббуси мақомоти ҷумҳуриявии кор бо ҷавонон бевосита таъсис ёфтаанд.

## 5.1. **Марказҳои ҷавонон**

Чӣ тавре дар боло зикр гардид, имрӯз дар кишвар 34 марказҳои ҷавонон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ фаъолият доранд. Аз ин шумора 6 марказҳои ҷавонон дар шакли ҳуқуқӣ фаъолият доранд, ки инҳоянд:

1. КВД «Маркази ҷавонон дар ноҳияи Данғара»
2. КВД «Маркази ҷавонон дар ҷамоати Дурбати ноҳияи Ҳисор»
3. КВД «Маркази ҷавонон дар ҷамоати Чоркӯҳи шаҳри Исфара»
4. МД «Маркази ҷавонони шаҳри Кӯлоб»
5. МД «Маркази ҷавонон дар ВМКБ»
6. МД «Маркази ҷавонон дар шаҳри Хуҷанд».

Боқимонда 28 марказҳои ҷавонон дар шакли ғайрирасмӣ фаъолият доранд ва воқеист, ки фаъолияти онҳо ба таври бояду шояд ба роҳ монда шудааст. Аслан фаъолияти ин қабил марказҳои ҷавононро сохторҳои маҳаллии Кумита бевосита ҳамоҳанг месозанд ва дар доираи барномаҳои давлатӣ онҳоро мунтазам дастгирӣ менамоянд.

Марказҳои ҷавонон, аз ҷумла КВД ва МД ба дастовардҳои зиёд ноил гардидаанд.

Дар заминаи тамоми марказҳои ҷавонон дар кишвар марказҳои омӯзиши компютерӣ, интернетӣ, забонҳои хориҷӣ, аз қабили русӣ, англисӣ ва ғайра, дӯзандагӣ, кандакорӣ, соҳибкорӣ, ташкили чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, семинарҳо, мулоқотҳо, машвартҳои ҳуқуқию психологӣ, хадамоти телефони боварӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Хизматрасонии марказҳо, аз ҷумла давраҳои омӯзишӣ дар ду шакл сурат мегиранд, яке бепул, дигаре ба таври имтиёзнок. Давраҳои омӯзишии бепул барои ҷавонон аз оилаҳои камбизоат ва ҷавонони осебпазир, аз қабили маъюбон, оворагардон, бепарасторон ва ғайра ташкил карда мешаванд. Давраҳои пулакӣ бошад, барои қишрҳои ҷавони дорои имконияти иқтисодӣ бо дарназардошти 30-50% арзон аз бозори дохилӣ нисбат ба шакли хизматрасонии алоқаманд,

амалӣ гардонида мешавад.

Дар доираи фаъолияти Кумита чунин навъи хадамот, оғоз аз соли 2005 амалӣ гардида истодааст ва ҳамасола афзоиш меёбад. Барои мисол, дар соли 2011 давраҳои омӯзишии алоқамандро 1600 нафар бо малакаи забонҳои хориҷӣ, 800 нафар бо малакаи дӯзандагӣ ва 370 нафар бо малакаи соҳибкорӣ хатм намуданд.

Дар баробари ин, доираи соҳибкорӣ низ ҳамасола ҳазорон наврасону ҷавононро бо омӯзиши малакаҳои компютерӣ, забонҳои хориҷӣ ва дӯзандагӣ фаро мегиранд. Ба ин қабил хадамоти соҳибкорӣ, марказҳои забономӯзӣ ва компютерии ғайридавлатӣ дохил мешаванд. Теъдоди чунин хадамоти соҳибкорӣ низ ҳамасола афзоиш ёфта истодааст, ки манфиатбахши соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва ҷомеа аст.

## 5.2. Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон

Воқеъист, ки хизматрасонии сифатнок ва суроғавӣ танҳо дар ҳолати мавуд будани шароити муносиб метавонад ташкил гардад.

Дар ҳамин радиф дар доираи татбиқи босамари Барномаи «Пешгирии нашъамандӣ ва сирояти ВНМО/БПНМ дар байни ҷавонон» барои солҳои 2002 - 2004 дар ҳамкории байни Кумита ва Хазинаи нуфузи СММ соли 2003 дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Хуҷанд Марказҳои захиравии ҷавонон оид ба солимии репродуктивии ҷавонон ва проблемаҳои ВНМО/БПНМ таъсис дода шуданд. Ин марказҳо дар якҷоягӣ бо Марказҳои захиравии ҷавонони шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа, ки соли 2002 таъсис дода шуда буданд, вазифаи созмонҳои минтақавии ҳамоҳангсозро дар самти васеъ намудани шабакаи маҳфилҳои фидоиёни ҷавон иҷро намуданд.

Ҳамчунин, дар доираи татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмилалӣ (Каре Интернэшнл, Тоҷикистон) ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Лоиҳаи солимии шаҳвонӣ ва репродуктивии наврасону ҷавонон дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон 30 марказҳои иттилоотию маърифатии хайрхоҳона ва 8 марказҳои тиббию машваратии хайрхоҳона барои ҷавонон таъсис дода шудааст, ки ҳайати марказҳои мазкурро асосан ихтиёриёни ҷавон аз ҳисоби хонандагон, донишҷӯён ва бекорон ташкил медиҳанд. Онҳо пайваста миёни ҳамсолони худ дар самти тарзи ҳаёти солим, пешгирии омилҳои номатлуб ва тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон чорабиниҳои гуногуни маърифатию иттилоотӣ созмон медиҳанд. Барои татбиқи Лоиҳаи мазкур 2,2 млн. доллари ШМА ҷалб гардид. Дар соли 2010 мавриди анҷом ёфтани Лоиҳаи маблағгузорӣ идораи Марказҳои маърифатӣ-иттилоотӣ ба Кумита гузашт, ки Кумита дар навбати барои

устувор гардонидани фаъолият ва ҳамоҳангсозии муттамарказ идораи марказҳоро ба КВД “Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон” вогузор намуд.

Айни замон, дар ҷумҳурӣ 27 Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон фаъолият доранд, ки аз ин теъдод танҳо як марказ дар ноҳияи Ёвон ба шахси ҳуқуқӣ табдил дода шудааст ва он чунин ном дорад: филиали КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон дар ноҳияи Ёвон».

Ба корхонаи воҳид табдил додани яке аз ин марказҳо дар мӯҳлати кӯтоҳ ба дастовардҳои зиёд ноил гаштанро боис гардид. Аз ин рӯ, дар оянда табдил додани тамоми Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон ба КВД мувофиқи мақсад аст.

Аслан татбиқи лоиҳаи Марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон озмоишӣ буда, он ба шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон рост меояд. Қадами дигар, ин паҳн кардани таҷриба ва ё таъсиси чунин марказҳо дар дигар шаҳру навоҳии кишвар мебошад.

Дар ҳақиқат роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро мебояд аз таҷрибаи ноҳияи Ёвон дарс бигиранд, чун роҳбарияти ин ноҳия имконоти фароҳамовардаро тавонист самаранок истифода намояд. Бахусус дар тамоми ҷамоатҳои ноҳия, ки марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон фаъолият доранд, роҳбарони онҳоро (ду воҳид ба ҳар марказе) аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ намуд. Ин иқдоми хело бузург аст нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.

Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон дар кишвар ягона хадамоте мебошад, ки барои хизматрасонӣ ба ҷавонони деҳот дар сатҳи ҷамоатҳо равона гардидааст. Дар ҳамин радиф ин марказҳо аз соли 2006 инҷониб дар байни ҷавонон аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» фаъолият доранд. Дар сатҳи марказҳо мунтазам чорабиниҳо, аз қабили семинарҳо, мулоқотҳои фардию гурӯҳӣ, машваратҳои ҳуқуқию психологӣ, озмунҳо,

чорабниҳои варзишию оммавӣ ва давраҳои омӯзишӣ малакаҳои дузандагӣ, забонҳои хориҷӣ ва кор бо технологияҳои иттилоотӣ  амалӣ гардида истодаанд.

## 5.3. Марказҳои ҷумҳуриявии махсусгардонидашудаи ҷавонон

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ташкили хадамоти махсусгардонидашуда барои хизматрасонӣ ба ҷавонон муқарар гардидааст.

Дар ҳами асно ва бо мақсади татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар 5 марказҳои махсусгардонидашудаи ҷавонон таъсис ёфтанд ва аз соли 1998 инҷониб фаъолият доранд.

Марказҳои махсусгардонидашуда аслан ҳамчун кӯмакрасони бевоситаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегарданд, чун онҳо маҳз масъалаҳои хусусияти миллӣ доштаро, ки аз ҷониби Кумита роҳандозӣ меагардад, амалӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар кишвар марказҳои зерини махсусгардонидашуда барои ҷавонон хизмат доранд:

1. КВД «Маркази ҷавонон дар шаҳри Душанбе» ва ё Маркази миллии имконоти ҷавонон;
2. КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»
3. КВД «Биржаи меҳнати ҷавонон»
4. КВД «Клуби соҳибкорони ҷавон»
5. КВД «Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно»

Дар зер мухтасар оид ба дастовардҳои марказҳои махсусгардонидашудаи ҷавонон маълумот оварда мешавад.

### КВД «Маркази миллии имконоти ҷавонон»

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 аз 7 январи соли 2011 бо ташаббускории бевосита Лоиҳаи нав оид ба таъсиси Маркази миллии имконоти ҷавонон дар ҳамкорӣ бо

Ҷамъияти Олмонӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ба имзо расид. Давоми соли ҳисоботӣ Маркази миллии имконоти ҷавонон оид ба пешгирии ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар заминаи КВД «Маркази фарҳангии ҷавонон «Ориёно» таъсис ёфт. Марказ, чун миллӣ аст, масъулияти зиёде ба бор дорад. Фаъолияти он асосан ба таҳкими меъёрҳои ҳуқуқӣ ва назариявию амалӣ дар самти хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон дар бахши саломатӣ, танзим, ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷавонон ва ташкилотҳои бо ҷавонон коркунанда, хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонони гурӯҳҳои осебпазир, хизматрасонии иттилоотӣ ва марҳамона ва ғайра дар сатҳи ҷумҳурӣ равона гардидааст. Ниҳоди Марказ замонавӣ буда, аз толори хурд ва калони омӯзишӣ ва маҷлисӣ, китобхона, маркази иттилоотӣ-компютерӣ, Хадамоти Телефони боварӣ, Гурӯҳи тренерон, Маҳфили эҷодӣ-фарҳангӣ ва бахши идорӣ-ҳамоҳангсозӣ иборат аст. Бо мақсади фарогирии ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони аз гурӯҳҳои осебпазир ба хизматрасонии марҳамона дар назди Кумита Хадамоти «Телефони боварии ҷавонон» фаъолият дорад. Кори Хадамоти мазкур дар ҳамбастагӣ бо мутахассисони соҳаи равоншиносӣ, тиб ва ҳуқуқ, ҳамчунин соҳаи кор бо ҷавонон ба роҳ монда шудааст.

Дар соли 2011 Маркази мазкур тавонист корҳои зиёдеро ба анҷом расонад, аз ҷумла тавассути Хадамоти «Телефони боварии ҷавонон» 90 наврасон ва ҷавонон бо хизматрасонии машваратӣ ва амалӣ фаро гирифта шуданд, 7 тренингҳо баргузор гардида 141 мутахассисони ҷавон ба ҳайси тренер/омӯзгор оид ба масъалаҳои ВНМО/БПНМ омода гардиданд, 4 семинарҳо баргузор гардида, сатҳи дониши 100 наврасон ва ҷавони осебпазир оид ба масъалаҳои ВНМО/БПНМ баланд гардид, 14000 маводҳои иттилоотӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим таҳия, чоп ва байни ҷавонон паҳн гардид, 160 наврасон ва ҷавонон аз гурӯҳҳои осебпазир бо малакаҳои кор бо компютер ва технологияҳои иттилоотӣ омӯзонида шуданд, ду озмунҳои маърифатӣ-фарҳангӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Дарвоз ташкил гардид, ки дар он 95

наврасон ва ҷавонони эҷодкор ширкат варзида, 700 ҷавонон баҳравар гардиданд, аз ҷониби ихтиёриён дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе ва НТҶ 30 театрҳои сайёр ташкил гардида, 4070 наврасон ва ҷавонон бо иттилооти сифатнок оид ба тарзи ҳаёти солим, омилҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва танзими оила фаро гирифта шуданд, маҳфили фарҳанг ва эҷодиёт бо фарогирии гурӯҳҳои рассомӣ, дӯзандагӣ, актёрӣ/санъаткорӣ, сурудхонӣ ва кор бо технологияҳои иттилоотӣ ташкил ёфта, ҳамарӯза ҷавонони эҷодкорро бо хизматрасонӣ фаро гирифтааст, китобхона бо муҷҷаҳаз гардидани шароити муносиб ва адабётҳои алоқаманд ташаккул ёфт, ки барои дастрасии озоди ҷавонон пешниҳод гардидааст.

Дар соли 2012 маркази мазкур ба КВД табдил дода шуд ва айни замон тибқи мақсади гузошташуда фаъолият дорад.

## КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»

Чун Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми ҷумҳуриявии ваколатдори давлатӣ масъули ҳамоҳанг сохтан, танзим, ташкили корҳои методӣ ва назариявӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад, зарурат бар он ба вуқӯъ омад, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳалҳо сохторҳои дар амал татбиққунандаи сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ёбанд. Аз ҷумла, сохторҳои тамоюлноки ҷумҳуриявӣ вобаста ба татбиқи афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон таъсис дода шуданд.

Ҳамин тариқ, мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №609, замимаи 4 сохторҳои ҷумҳуриявӣ ва ё ташкилотҳои системаи Кумита иборат аз 21 воҳид таъсис дода шуданд, ки 5 воҳид, аз ҷумла Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» барои амалисозии афзалиятҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардиданд.

КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли

ҷавонон» аз ин гузашта аз соли 1998 инҷониб фаъолият менамуд ва ҳамчун Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон «САМТ» шинохта мешуд. Яъне, дар баробари ташаккул ёфтани мақомоти давлатии ваколатдори соҳаи кор бо ҷавонон сохторҳои тамоюлноки ҷумҳуриявӣ барои корҳои амалӣ таъсис ёфтаанд.

Фаъолияти асосии Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон ба татбиқи ҷанбаҳои иттилоотӣ ва тамоюлнокии ҷавонон дар ҷумҳурӣ мебошад. Бо ин мақсад корхонаи мазкур то имрӯз мунтазам чорабиниҳо, аз қабили тадқиқотҳои сотсиологӣ, пурсишҳо, таҳқиқҳои таъҷилии вазъият, пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ғайра амалӣ гардонидааст.

Бахусус Марказ ташаккулдиҳанда ва татбиқгари Омори сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар мебошад, ки тамоми фаъолият дар самти беҳдошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷавонон аз он манша мегирад.

Дастоварди дигари назарраси корхона ин ҷалби наврасон ва ҷавонони оворагард ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва маърифати комил мебошад. Дар ин самт дар заминаи Марказ Маҳфили ихтиёриёни ҷавон аз ҳисоби фаъолҷавонони оворагард ташкил ёфтааст, ки ҳамасола байни ҳамсолони худ оид ба пешгирии омилҳои номалуб ва ҷалби онҳо ба ҳаёти муносиб кор мебаранд.

Ҳамчунин, Марказ дар тобеияти худ як филиал ва 30 марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавононро дорад. Ташкилотҳои зертобеи Марказ дар шаҳри Душанбе, шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон, аз ҷумла ҷамоатҳо онҳо дар самти татбиқи ҷанбаҳои иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон фаъолият доранд.

Дигар фаъолияти назаррас ин дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ташкили давраҳои омӯзиши касбӣ барои ҷавонон мебошад. Дар ин раванд дар назди Марказ ва дар заминаи марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон 15 давраҳои омӯзиши малакаҳои

дӯзандагӣ барои ҷавондухтарон ва 15 давраҳои омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ ва малакаҳои компютерӣ барои ҷавонон фаъолият доранд, ки ҳамасола садҳо ҷавононро бо касбу ихтисосҳои алоқаманд фаро мегирад.

Фаъолияти корхона ба ташкили корҳои таҳия, ороишӣ ва чопӣ низ равона гардидааст, ки дар пайвастагӣ ба ин ҳар сол дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон 15-20 китобҳо, дастурҳои методӣ-амалӣ ва варақаҳои иттилоотӣ чоп ва нусхабардорӣ мегарданд.

## КВД «Биржаи меҳнатии ҷавонон»

Дар самти фароҳам овардани шароити мусоид барои ба кор таъмингардии ҷавонони бекор аз соли 1998 инҷониб дар назди Кумита КВД «Биржаи меҳнатии ҷавонон» фаъолият дорад, ки тамоми масъалаҳои марбут ба шуғл ва кор фарогирии ҷавононро татбиқ менамояд.

Биржа дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамасола тадбирҳоро дар самти ташкили ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ, бастани шартномаҳо бо ташкилоту муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ оиди ба кор таъминкунии ҷавонон, таъмини ҷавонони бекор бо ҷойҳои корӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, муосидат ба таълими касбӣ, забономӯзӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҷавонон, бахусус ҷавонони дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда, омӯзонидан ва иттилоотнокии ҷавонон оид ба бозори меҳнат ва талаботи он дар шароити ҷомеаи муосир ва ғайра меандешад.

Корхона дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои интихобӣ, ҳамчунин, дар вилоятҳои Федератсияи Русия, бахусус Москва, Санкт-Петербург, Екатиренбург, Иркутск намояндагиҳои худро таъсис додааст, ки онҳо пайваста дар самти таъмини ҳифзи иҷтимоии ҷавонони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ фаъолият менамоянд.

Дар назди Корхона Маркази иттилоотии доимоамалкунандаи ҷойҳои кори холӣ бо нигоҳдошти 800 ҷойҳои кори холӣ амал мекунад, ки дар асоси он мунтазам

ҷавонони бекор ба шуғлҳои мувофиқ таъмин карда мешаванд.

Дар ҷумҳурӣ дар раванди ба кор таъминкунии шаҳрвандони бекор ташкили мунтазами ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ сараввал дар се моҳ як маротиба, ҳоло ҳар моҳ баргузор мегардад. Ташкили ярмаркаҳо аз шаҳри Душанбе, пойтахти ҷумҳурӣ оғоз гардида, имрӯзҳо қариб ки дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар мунтазам ташкил карда мешавад. Ташкили ярмаркаҳо тақозои замон буда, талаботи корхонаҳоро барои ишғоли ҷойҳои корӣ, яъне дарёфти воҳидҳои алоқаманд ба зуддӣ ва сарфаи вақт қонеъ мекунад.

Ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ба таври озод ташкил гардида, дар он дилхоҳ ташкилоту корхона метавонад ҷойҳои кори холии худро ба бозор гузорад. Барои ин ташкилоту корхонаҳои манфиатдор пешакӣ, яъне пеш аз оғози ярмаркаи навбатӣ ба хадамоти шуғли аҳолӣ муроҷиат намуда, номнавис мегарданд. Сипас дар рӯзи ташкили ярмарка воҳидҳои кори холии худро ба намоиш ва интихоби муроҷиаткунандагон мегузорад.

Ярмарка, рӯз, ҷой ва вақти бургузорӣ тавассути ВАО пешакӣ элон мегардад, ки дар он тамоми хоҳишмандон, аксаран бекорон бемамониат иштирок менамоянд ва ҷойи кори муносиби худро интихоб менамоянд. Дарҳол дар ярмарка ба шахси ҷойи кор дарёфтнамуда роххат дода мешавад, ки тибқи он ӯ барои кор ба корхона ва ё ташкилоти алоқаманд сафарбар мегардад.

Барои мисол, ҷараёни ташкили баъзе ярмаркаҳои ҷойҳои кори холиро дар поён меорем.

20 апрели соли 2002 дар ҳамкорӣ бо Маркази шуғли аҳолии н.Роҳи Оҳани ш. Душанбе ярмаркаи хурди ҷойҳои холии корӣ гузаронида шуд, ки дар он масъалаи дар дохили ҷумҳурӣ бо ҷои кор таъмин намудани ҷавонон баррасӣ карда шуд. Дар ин ярмарка зиёда аз 10 корхонаҳои саноатии ш. Душанбе иштирок намуданд.

Мувофиқи шартномаи хамкори байни Биржаи меҳнатии ҷавонони Кумита ва Маркази шуғли аҳолии шаҳри Душанбе

27 октябр ва 11 ноябри соли 2003 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ барои ҷавонони бешуғли ҷумҳурӣ гузаронида шуд, ки дар он 64 корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ зиёда аз 5410 вакансияҳо пешниҳод намуданд. Дар ярмарка 2900 нафар корҷӯяндагон иштирок намуданд. Аз ин миқдор 216 нафар бо роҳхат соҳиб гардиданд, 43 нафар ба курсҳои бозомӯзӣ роҳхат гирифтанд ва 124 нафари дигар ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб карда шуданд.

Соли 2004 мувофиқи Шартномаи ҳамкории байни Биржа ва Маркази шуғли аҳолии ш.Душанбе 16 март дар бинои Кумита ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ барои шаҳрвандони бешуғл гузаронида шуд, ки 53 корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ 3969 ҷойҳои корро пешкаш намуданд. 190 нафар барои кор ва 40 нафар ҷавонон ба курсҳои касбомӯзӣ роҳхат гирифтанд. Инчунин, 50 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок хоҳиши кор кардан пайдо намуданд. Дар таърихи 22 июни соли 2004 дар бинои Кумита боз як ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ташкил карда шуд. Ин дафъа аз 65 ташкилоту муассиса 5271 ҷойҳои кории холии гуногун барои бекорон пешкаш карда шуд. Дар натиҷа 268 нафар барои кор, 70 нафар ба курсҳои бозомӯзӣ роҳхат гирифтанд ва 65 нафар хоҳиш пайдо намуданд, ки дар корҳои ҷамъиятии музднок кор кунанд. Ҷамъ дар ин ду ярмарка 458 нафар барои кор ва 110 нафар ба курсҳои бозомӯзӣ роҳхат гирифта, 115 нафар хоҳиш пайдо нашуданд, ки дар корҳои ҷамъиятии музднок кор кунанд. Ярмаркаи ҷойҳои холии кории навбатӣ 24 сентябр баргузор карда шуд, ки 67 корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ 4858 ҷойҳои корро пешкаш намуданд. Дар натиҷа 238 нафар барои кор ва 28 нафар ҷавонон ба курсҳои касбомӯзӣ роҳхат гирифтанд.

Мувофиқи нақшаи фаъолияти Биржаи меҳнатии ҷавонони Кумита 30 июни соли 2004 дар якҷоягӣ бо Идораи кор бо ҷавонони вилояти Хатлон ва Маркази шуғли аҳолии шаҳри Қурғонтеппа дар маркази вилоят ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ доир гардид. Дар ин ярмарка 31 ташкилоту муассисаҳои гуногун барои бекорон 119 ҷойи кор пешкаш намуданд. Дар

натиҷа 48 нафар барои худ ҷойи кори мувофиқ пайдо намудаанд. Ба 50 нафар бекорон маслиҳатҳои ҳуқуқӣ оид ба меҳнат ва интихоби касб дода шуд. Ҳамчунин, бо 76 нафар бекорон шартнома барои ташкили корҳои ҷамъиятӣ баста шуд.

Соли 2010 ҷиҳати бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани ҷавонон Корхонаи воҳиди давлатии «Биржаи меҳнатии ҷавонон» дар якҷоягӣ бо Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ, ҷиҳати ҷалби корҷӯён дар дохил ва хориҷи кишвар ва 7 семинар-машваратҳо дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни ҷавонон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он», «Іимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар хориҷи кишвар» ва «Раванди муҳоҷират тақозои замон аст» доир кард, ки дар натиҷа 3000 ҷавонон ба маълумотҳои зарурӣ фаро гирифта шуд.

Дар соли 2011 дар якҷоягӣ бо Раёсати агентии давлати ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар пойтахти ҷумҳурӣ 8 ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд. Дар чорабиниҳои гузаронидашуда зиёда аз 1810 нафар корҷуён иштирок намуданд. Ба 357 нафар барои кор ба корхонаву муассисаҳои дохили ҷумҳурӣ роҳхат дода шуд. Ҳамзамон, дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода дар мавзӯҳои «Танзими раванди муҳоҷират» ва «Омода кардани муҳоҷирони меҳнатӣ барои фаъолияти корӣ дар хориҷи кишвар» ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва мизҳои мудаввар гузаронида шуд».

Тавсияҳо

Дар шароити бозори меҳнати муосир бо мурури вакт ин навъи ба кор таъминкунии ҷавонон низ кӯҳна шуда истодааст.

Дар воқеъ дар ҳоли рушди имкониятҳо, бахусус истифода аз технологияҳои иттилоотӣ усулҳои гуногуни ташкили бозори ҷойҳои кории холӣ мавҷуд аст, ки дастарсӣ, каммасрафӣ, истифодаи самараноки вакт ва шафофиятро таъмин менамояд.

Яке аз усулҳои муосир ин ташкили бозори ҷойҳои кории

холӣ дар шабакаи интернетӣ мебошад, ки он ба ҳар нафаре ки каме замонавӣ аст, дастрас аст. Замонавӣ будани шаҳрвандон тақозои замон аст. Замонавӣ будан, яъне малакаи муоширaт, кор дар дастгоҳҳои копмютерӣ ва интернет доштан, донистани қобилияти аслии худ, интихоби дуруст ва аз худ кардани касбу ҳунар ва ихтисоси муносиб ба тавоноии худ ва бозори меҳнат, худшинос будан ва баҳои худро донистан ва эҳтироми хоса доштан нисбат ба Ватан-модар мебошад.

Дар ҳамин васила, имрӯз технологияҳои иттилоотӣ ба имконоти фарох фароҳам овардааст. Яке аз усулҳо мумкин аст, ки дар сатҳи кишвар Бозори рақамии (электронии) меҳнат дар шакли сомонаи интернетӣ ва маҳзани махсуси иттилоотӣ роҳандозӣ гардад. Бозори рақамӣ бояд дар ду самт фаъолият кунад (на дар як самти муқаррарӣ, ки танҳо кор бо ташкили ҷойи корӣ аст), яке самти муқаррарӣ, ки ҳамаи мо онро медонем, ин ташкили ҷойи кории холӣ ва самти дигар ин самти муосир, яъне ташкили маҳзани нерӯи меҳнатӣ – аз ҳисоби мутахассисон, коршиносон, машваратчиён ва ғайра.

Самти якум маълум аст, яъне **маҳзани ҷойҳои кории холӣ** таҳия мегардад ва барои истифода ба шабакаи интернетӣ ҷой кунонида мешаванд. Тартиби истифода бошад, оғоз аз муроҷиат ба таври сабти сурат гирад. Яъне, шахси муроҷиатдошта, сараввал бояд худро ба қайд гирад, сипас тести (пурсиши) психологиро гузарад, ки тибқи он барои шахси муроҷиатдошта тавсияҳо коргард гашта, пешниҳод гардад.

Ин барои чӣ лозим аст? Мисоли оддӣ, оё ҳамаи шаҳрвандон ва ниёзмандон замонавианд, яъне ҷавобгӯи талаботи боло ҳастанд? Албатта не, чун имрӯз кишвар дар ҳоли гузариш қарор дорад ва ҷомеа низ чун муқаррароти даврони Шӯравӣ дар вазъияти интизорӣ қарор доранд, на ҳама, аз ҷумла аксари ҷавонон роҳи меҳнатӣ-касбию ҳунарии худро интихоб намудаанд. Тибқи мушоҳидаҳо 60-70% ниёзмандон чӣ ба имкониятҳои интернетӣ ва чӣ ба ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ таваккалӣ муроҷиат мекунанд. Дар воқеъ чӣ кор ҳам кунан? Маълумоти касбӣ ва ё ихтисос надошта

бошанд (дар соли 2011 тибқи омори расмӣ 31% бекоронро ҷавонон бо маълумоти миёнаи нопурра ташкил додааст), қобилияти меҳнатӣ ва ё зеҳнию ҷисмонии худро надонанд, худшинос набошанд, пас чӣ бояд кард?

Бо дарназардошти ҳамин, зарур аст, ки Бозори меҳнати рақамӣ новобаста аз вазъи иҷтимоӣ шахси муроҷиаткардаро имтиҳон кунад ва ба ӯ тавсияҳо пешниҳод намояд. Дар сурати пай бурдани соҳибихтисосӣ ва соҳибкасбии муроҷиаткунанда ба таври худкор (автоматӣ) ӯро ба равзанаи алоқаманд равона созад, дар ҳолати баракс бошад, барои интихоби касб тавсия пешниҳод намояд. Сипас баъд аз гузаштан ва интихоби амиқи касби мувофиқ ба ӯ роҳхат дода шавад. Роҳхат дар навбати худ, бояд тамоми натиҷаҳои тестӣ ва нишонии шахси муроҷиаткардаро дарбар гирад.

Ҳамин тариқ, дар як замон метавон ҳам тавоноӣ, қобилиятнокии шахс ва ҳам мутобиқати ҷойи кории холиро нисбат ба шахс баҳогузорӣ намуд, ки ин донистани ва ё доштани ин нишондиҳандаҳо ҳам ба шахс ва ҳам ба дилхоҳ кордиҳанда муҳим аст.

Самти дуюм ин **маҳзани нерӯи корӣ**. Яъне, зарур аст, ки ба воситаи самти якум ва бевосита бо иштироки шаҳрвандони бекори соҳибмалака, соҳибкасб ва соҳибихтисос маҳзани иттилоотӣ ташкил ёбад. Маҳзан дар навбат метавонад бештар маълумоти хусусияти шахсидоштаро ҷамъоварӣ намояд. Фарқият байни ин ду самт дар он аст, ки агар дар самти якум шахсони ниёзманд барои ҷустуҷӯи ҷойи кор муроҷиат намоянд, пас дар самти дуюм ташкилоту муассисаҳо барои ҷустуҷӯи мутахассис, шахси соҳибкасб ва соҳибихтисоси алоқаманд муроҷиат менамоянд.

Бартарии ин ду самт аз якдигар дар он аст, ки бозори самти дуюм гаронтар ва дастрастар аст ва дар инҷо танҳо нишонии шахсони ҷавобгӯй ба нишондиҳандаи "шахси замонавӣ" гирд оварда мешавад.

Бар ҳамин васила, тамано дорам, ки тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон замонавӣ бошанд ва дар ҷомеаи муосир эҳтироми хоса дошта бошанд

Ба таъмини ҷойи кор ба ҷавонон дар баробари оғози фаъолияти Кумита, ҳамчунин Биржаи меҳнатии ҷавонон афзалият дода шуда буд.

Аз ин рӯ, ҳануз аз соли 1998 инҷониб пайваста тадбирҳо дар самти ташкили ҷойҳои корӣ андешида мешаванд.

Дар соли 2011 бошад, Корхонаи воҳиди давлатии «Биржаи меҳнатии ҷавонон» дар асоси шартномаҳои дуҷониба бо субъектҳои хоҷагидори Федератсияи Русия аз он ҷумла ба шаҳрҳои Волгоград, Иркутск, Самара, Рязан, Қазон, Якутия ҳамагӣ 195 нафар муҳоҷирони меҳнати сафарбар карда шуд, ки аз ин теъдод 10 нафар зан мебошад. Ҳамчунин, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Душанбе 12 ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд. Дар чорабиниҳои гузаронидашуда зиёда аз 6850 нафар корҷуён иштирок намуда, 642 нафар барои кор ба корхонаву муассисаҳои дохили ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд. Ҳамчунин, дар ин давра дар асоси нақшаи корӣ дар шаҳру ва навоҳии Қӯрғонтеппа, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода дар мавзӯҳои «Танзими раванди муҳоҷират» ва «Омода кардани муҳоҷирони меҳнатӣ барои фаъолияти корӣ дар хориҷи кишвар» ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва мизҳои мудаввар гузаронида шуд.

Маълумоти муфассал оид ба таъмингардии ҷавонони бекор бо корҳои мавсимӣ ва доимӣ дар хориҷи кишвар дар Ҷавдвали №2 оварда шудааст.

Ҷадвали №2




Аз ҷадвал маълум аст, ки сатҳи таъмингардӣ ба ҷойи корӣ паст гашта истодааст, гарчанде ҳамасола имконияти корхона хуб гардидаву шароитҳои ҳаётӣ ва ҷарайни таъмингардӣ ба шуғл дар умум беҳтар гардида истодааст.

Бояд зикр намуд, ки бо дарназардошти таҷриба ва таҳлилҳо мутаассифона манфиатдори муҳоҷирати расмии меҳнатӣ, бахусус ба Федратсияи Русия чи аз ҳисоби гурӯҳҳои мақсади (шаҳрвандони ба муҳоҷират майлдошта) ва чи аз ҷониби кишвари қабулкунанда (ташкилотҳо ва ё ширкатҳои қабулкунанда) ниҳоят кам аст. Сабаб ин бетарафӣ ва ё аниқтараш тарафдорӣ ба муҳоҷирати ғайрирасмии меҳнатӣ ба як омил асос меёбад, ки он ҳам бошад, ҳарҷӣ бештар ҷалб ва истифодаи қувваи кории арзон мебошад. Барои ин мақсад ширкату корхонаҳои кишвари қабулкунанда тамоми имконотро истифода мебаранд, то теъдоди майлдоштагон ба муҳоҷирати меҳнатии ғайрирасмӣ зиёд гардад. Аз ин лиҳоз,

ба Корхонаи воҳиди давлатии «Биржаи меҳнатии ҷавонон» имкон кам даст медиҳад, ки теъдоди зиёди ҷавонони бекорро ба муҳоҷирати расмии меҳнатӣ ҷалб намояд.

Масъали расмикунонии муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар бошад, мубарм ва нигароникунанда боқӣ мемонад.

Аз ин лиҳоз, хуб мешуд агар бо дарназардошти асноди байналмилалӣ масъалаи донистани забони кишвари қабулкунанда ва соҳибихтисосии шахси майли муҳоҷирати меҳнатӣ дошта, ҳамчунин суроғавӣ будани муҳоҷират ҳатмӣ кунонида шавад. Дар ин сурат мо метавонем ба зудӣ нуфузи миллат, давлат ва шахсияти шаҳрвандонро дар хориҷи кишвар таъмин намоем, ҳамчунин ин амал метавонад боиси коҳиш ёфтани муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба хориҷ гардад.

## КВД «Клуби соҳибкорони ҷавон»

Корхонаи воҳиди давлатии "Клуби соҳибкорони ҷавон" аз қабили ташкилотҳои ҷумҳуриявии махсусгардонидашуда мебошад, ки аз соли 1998 инҷониб дар самти татбиқи соҳаи афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон оид ба таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон фаъолият дорад.

Клуб дар сафи худ беш аз 40 соҳибкорони ҷавонро ҷалб намудааст, ки мунтазам барои корҳои машваратӣ ва методӣ ташкил менамояд ва онҳоро баҳри устувории фаъолият дастгирӣ менамояд.

Дар баробари ин Кулб барои рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон мунтазам чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ амалӣ мегардонад.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши ҷавонон, аз ҷумла таълими иловагӣ ба ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир дар заминаи марказҳои имконоти ҷавонон давраҳои омӯзишӣ ташкил гардидаанд.

Дар ин марказҳо давраҳои омӯзишӣ, аз қабили омӯзиши забонҳои хориҷӣ, англисӣ, русӣ, малакаҳои компютерӣ, кор бо техналогияҳои иттилоотӣ, дӯзандагӣ ва соҳибкорӣ амал

карда истодааст. Давраҳои омӯзишӣ барои ҷавонони хоҳишманд, аз ҷумла наврасон ва ҷавонон аз оилаҳои камбизоат мунтазам ташкал мегардад. Давраҳо аз соли 2007 инҷониб ташкил ва амалӣ гардида истодааст. Дар ҳар давра то 20 – нафар фаро гирифта шуда, дар мӯҳлати 3 моҳ барои як давра ташкил мегарданд. Хатмкунандагон бо сертификат таъмин мегарданд.

Ҳамин тариқ, бо ин навъи хизматрасонӣ дар ҷумҳарӣ 40 марказҳои ҷавонон, бахусус 4 марказҳои имконоти ҷавонон фаъолият менамояд. То имрӯз дар натиҷа аз давраҳои омӯзишӣ 2560 наврасон ва ҷавонон бо малакаҳои алоқаманди забондонӣ, дӯзандагӣ ва кор бо техналогияҳои иттилоотӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар таносубият бо вазъияти воқеъӣ ин рақам, қатрае аз баҳр аст, вале ҳаст. Қадамҳои дигар ин устувор гардонидани нерӯи ташаккулёфта ва зиёд гардонидани теъдоди марказҳои ҷавонон ва бар ҳамин васила омӯзишӣ ҷавонон мебошад.

Дар баробари ин, дар заминаи марказҳои имконоти ҷавонон, бахусус дар доираи татбиқи Лоиҳаи рушди имконоти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷавонони Тоҷикистон ба таври озмоишӣ омӯзиши соҳибкорони ҷавон, таҷрибаомӯзӣ ва таъмини қарзҳои кӯтоҳмуддати имтиёзнок барои ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ давоми солҳои 2010-2011 роҳандозӣ гардид. Дар натиҷа 250 ҷавонон ба ҳайси соҳибкор омода гардиданд.

Қарзҳои кӯтоҳмуддат барои соҳикборони ҷавони минтақаҳои Ҳисор, Данғара ва Исфара ба маблағи то 2000 сомонӣ муқаррар гардида, то декабри соли 2011 ба 450 ҷавонон барои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин гардиданд.

Аз ҷониби КВД “Клуби соҳибкорони ҷавон” низ мунтазам давраҳои омӯзишӣ оид ба малакаҳои соҳибкорӣ ташкил ва баргузор мегарданд, ки дар натиҷа ҳамасола то 300 ҷавонони соҳибкор фаро гирифта мешаванд.

## КВД «Маркази ҷумҳуриявии ҷавонон «Ориёно»

Фарҳанг омили ҳастӣ ва нишони ҷовидонию

тамаддунофарии халқу миллатҳо мебошад. Фарҳанг буд, ки баъди ҳазорсолаҳо миллати тоҷик эҳё гардид ва дар арсаи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Фарҳанг аст, ки ҳаёти инсоният мазмуну мӯҳтавои хоса пайдо намудааст ва байни ашхос эҳтирому самимият ва садоқат ҳукмфармо мебошад.

Дар шароити дигаргунисозиҳои муносибатҳо ва ташаккули давлати соҳибтамаддун иштироки ҷавонон дар ташаккули фарҳанги миллӣ ва ҳувияти ватандӯстӣ басо ногусастанист. Маҳз ҷавонон дар давраҳои алоқаманди ҳаётӣ метавонанд пойдевори фарҳанги миллӣ ва ватандориро созанд ва ба наслҳои дигар супоранд. Дар ҳамин васила, сатҳу сифати пойдевори фарҳангию тамаддунофарӣ аз садоқат, ҳамбастагӣ ва фаъолнокии насли ҷавон вобастагии зич дорад.

Дар ҳамин раванд Марказ мунтазам чорабиниҳои доир менамояд. Дар назди Марказ Кинотеатри «Ҷавонон», ошхонаи миллӣ, толори фарҳангӣ ва дигар хадамот фаъолият доранд, ки мунтазам ҷавононро бо хизматрасонии алоқаманд фаро мегиранд. Бахусус ҳамасола барои ҷавонон аз оилаҳои камбизоат тӯйҳои намунавии хонадорӣ ва хатнасур доир мегардад.

## VI. Устуворӣ ва заминаҳои маблағгузории фаъолияти марказҳои ҷавонон

### 6.1. Устувории фаъолият

Устувории фаъолият дар 4 зина муайян мегардад.
1. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ
2. Нигаҳдории воҳидҳои корӣ
3. Доштани тавозуни молӣ ва бинои корӣ
4. Мавҷуд (муқаррар) будани манбаи даромаднокӣ

#### 6.1.1. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ

Сараввали зарур аст, ки марказҳои ҷавонон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли ҳуқуқии фаъолияти худро муайян созанд, яъне ба шахси ҳуқуқӣ табдил дода шаванд. Барои ин тибқи таҳлилҳои боло, бахусус дар асоси заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ дилхоҳ маркази ҷавононро новобаста аз шакли фаъолият мебояд ба КВД ва ё МД табдил ёбад.

Бартарияти КВД аз МД дар он аст, ки мавриди КВД шудан, Марказ тобеъи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад ва дар доираи фаъолияти Кумита мунтазам корҳои худро ба роҳ мемонад. Дар баробари ин Марказ дар доираи барномаҳои ҷумҳуриявии соҳа мунтазам дастгирӣ карда мешавад, яъне Кумита барои амалисозии амалиёти муайян Марказро фармоиш медиҳад.

Дар сурати МД гардиданд, Марказ дар тобеияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ воқиф мегардад, яъне тамоми фаъолияти он хусусияти маҳаллиро касб мекунад ва он дар доираи фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва барномаҳои маҳаллӣ дастгирӣ меёбад.

### 6.1.2. **Нигаҳдории воҳидҳои корӣ**

Устувории дилхоҳ хадамотро мавҷудияти воҳидҳои корӣ (таъминоти кадрӣ) таъмин менамояд.

Воҳидҳои кори марказҳои ҷавонон бояд, ки тибқи тартиботи боло, аниқтараш Модели марказҳои ҷавонон ва ё Модели Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон ташкил карда шаванд.

Нигаҳдорӣ ва ё маблағгузории (маоши) воҳидҳои корӣ аз ҳисоби даромаднокии бевоситаи Марказ аз фаъолиятҳои хос (мс. давраҳои омӯзишӣ, хизматрасонии машваратӣ, амалӣ, дастрасии интернетӣ, ташкили озмунҳо ва ғайра) сурат мегирад.

Дар вақтҳои аввали фаъолият зарур аст, ки воҳидҳои кории Марказ нисбатан кам ташкил карда шавад, чун супоридани андоз мушкилӣ ба бор оварданаш мумкин аст. Дар баробари ин, тавсия мегардад, ки танҳо раёсати Марказ, яъне директор, ҷонишин ва муҳосиб ба воҳиди асосӣ (ба таври доимӣ) шинонда шавад ва бо дигар воҳидҳо зарур аст, ки аз рӯи шакли хизматрасонӣ ба таври муваққатӣ бо дарназардошти ҳаҷм ва вақти кор (рӯзбайъ ва ё соатбайъ) шартнома ба имзо расонида шавад.

Ин навъи ташкили воҳидҳои корӣ оптималӣ (яъне, самаранок) ном дорад.

Сипас бо пайдо кардани имкони молии устувор мумкин аст, ки теъдоди воҳидҳои доимии корӣ зиёд карда шавад.

Маоши кормандонро тибқи тартиботи муқарраргардида марказҳои ҷавонон мустақилона муайян месозанд ва имкон дорад, ки ҳаҷми он аз ҳаҷми маоши хизматчиёни давлатӣ ба маротиб зиёд бошад. Яъне, дар сурати зиёд будани имкони молиявӣ марказҳои ҷавонон метавонанд, ки маоши кормандони худро зиёд гардонанд.

### 6.1.3. **Доштани тавозуни молӣ ва бинои корӣ**

Тавозуни молӣ ва бинои кории марказҳои ҷавонон бояд,

ки тибқи тартиботи боло, аниқтараш Модели марказҳои ҷавонон ва ё Модели Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон ташкил карда шаванд.

Дар шароити ҷомеаи муосир ва талаботи бозори меҳнат зарур нест, ки ҳатман бинои корӣ дар тавозуни бевоситаи корхона шинонда шуда бошад, чун барои кор ин боке надорад. Вале барои марказҳои ҷавонон доштании ин имконият метавонад дастовардҳои зиёдро ноил гардонад.

Яъне, барои фаъолияти марказҳои ҷавонон доштани бинои мустақил аҳамияти хоса надорад. Онро мумкин аст, ки тибқи шартномаи дарозмӯҳлат ва ё қарори Маҷлиси вакилони халқиим маҳаллӣ ба даст овард. Муҳим он аст, ки марказҳои ҷавонон аз таҷҳизоти техникӣ ниёз надошта бошанд ва имрӯз ин имконият фарох аст. Тавсия мегардад, ки мавриди банақшагирии буҷети солонаи маҳаллӣ моҳҳои апрел-май марказҳои ҷавонон дар ҳамкори бо сохторҳои маҳаллии Кумита оид ба таъмингардӣ ба таҷҳизоти техникӣ ва мебелӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пещниҳод манзур намоянд.

Новобаста аз ин, имрӯз ҳудуди 41% марказҳои ҷавонон соҳиби бинои фаъолият дар ҳаҷми аз 30 то 400 метри мураббаъ ва таҷҳизоти зарурӣ дарои фаъолият мебошанд, ки дар роҳи ташаккулёбӣ нишондиҳандаҳо ва имконоти хело зиёд аст.

### 6.1.4. **Мавҷуд (муқаррар) будани манбаи даромаднокӣ**

Яке аз самтҳои асосии таъмини устувории марказҳои ҷавонон ин муайян намудани манбаи даромад мебошад. Ин гуна манбаъ барои марказҳои ҷавонон ба воситаи хадамоти ёрирасон ба монанди, марказҳои интернетӣ, компутерӣ, дузандагӣ, забономӯзӣ ва ғайра фароҳам оварда шудааст. Ин гуна хадамот ба ҳар як марказ мувофиқи шароити маҳал ва талаботу эҳтиёҷоти ҷавонон таъсис дода шудааст. Дар ин хадамот ба ҷавонон ба таври имтиёзнок ва пулакӣ хизмат расонида мешавад.

Марказҳои ҷавонон тибқи муқаррароти Дастури мазкур

бояд, ки ҳамчун КВД ва ё МД фаъолият намоянд. Дар ин сурат шакли ҳуқуқии марказҳои ҷавонон ҳамчун ташкилоти мустақил ва худмаблағгузор муқаррар мегардад, ки он дар Оинномаи намунавӣ (замимаи 1) оварда шудааст. Яъне, марказҳои ҷавонон метавонанд, ки имконоти моддии худро барои ба даст овардани фоидаи молиявӣ истифода намоянд ва сармояи корхонаро ғаннӣ гардонанд.

Ҳамин тавр, устувории марказҳои ҷавононро тибқи Моделҳои ташаккулёбӣ ва дар асоси Оинномаи намунавии дар боло овардашуда ташаккул додан лозим меояд.

Дар баробари ин, бо дарназардошти маҳдудияти имконоти иқтисодии соҳа ва дар шароити ҷомеаи муосир ташкили марказҳои хусусияти тиҷоратӣ доштаи ҷавонон мувофиқи мақсад аст. Яъне, таъсис додани марказҳои ҷавонон бо ҷалби соҳибкорони кишвар бо шартҳои судманд барои амалисозии фаъолияти тиҷоратии онҳо.

Дар ин раванд муҳим он аст, ки ҳарчӣ бештар марказҳои ҷавонон таъсис ёбанд ва фаъолияти онҳо хоҳ тиҷоратӣ, хоҳ иҷтимоӣ ва ё фарҳангӣ дар самти фарогирии ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони маҳал бо хадамоти гуногун равона гардида бошад.

Чунин марказҳоро мумкин аст, дар ду шакл созмон дод, муштарак ва мустақил.

Ташкили марказҳои ҷавонони муштарак бо саҳмгузории тарафҳо, яъне давлат ва соҳибкор метавонад сурат мегирад. Дар ҷараёни ташкили марказҳои ҷавонон қисми муайяни хароҷот аз ҷониби давлат ва қисми дигар аз ҷониби соҳибкор муқаррар мегардад. Дар навбати худ даромад аз натиҷаи фаъолият дар ниҳоди марказ баробар тақсим мегардад. Ҳамчунин, мумкин аст, ки манфиати молӣ яктарафа роҳандозӣ гардад, яъне аз ҷониби давлат бино таъмин мегардад ва аз ҷониби соҳибкор бошад, дигар таҷҳизоти ба фаъолияти пурсамар вобастагӣ дошта. Агар манфиати соҳибкор дар инҷо ба даст овардани фоида бошад, пас манфиати давлат ба таври имтиёзнок амалӣ гардидани хизматрасонии соҳибкор барои ҷавонон ва иштироки он дар маъракаҳои иҷтимоӣ муқаррар

мегардад.

Дар баробари ин, роҳу усулҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ барои ташкили марказҳои ҷавонон бо ҷалби иштироки фаъоли соҳибкорон заминаи устувор метавон гузошт.

Дар ҳама ҳолат ҳамоҳангсозии марказҳои ҷавонон ба ваколати мақомоти давлатии кор бо ҷавонон вогузор мегардад. Яъне, новобаста аз шакили фаъолият марказҳои ҷавонон мунтазам аз ҷониби масъулини мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ҳамоҳанг сохта мешавад. Ин ҳамоҳангӣ аз чунин амалҳо иборат мебошад:

- дарёфти макони алоқаманд ва ё толорҳои бекорхобида барои таъиси марказҳои ҷавонон;
- ҷалби соҳибкорони ҷавон барои ҳамдастӣ дар таъсиси марказҳои ҷавонон ва ё фаъолияти мустақилонаи онҳо дар ин самт;
- дастгирии методӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ ба соҳибкорон дар таъсиси марказҳои ҷавонон;
- муайян кардани имтиёзҳои алоқаманд ба соҳибкорон дар таъсиси марказҳои ҷавонон;
- арзёбии мунтазами фаъолияти марказҳои ҷавонон;

ва ғайра.

### 6.1.5. **Имкониятҳои марказҳои ҷавонон вобаста ба рушди фаъолият**

Мувофиқи Оинномаи намунавӣ фаъолияти марказҳои ҷавонон ба амалигардонии афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва барномаҳои соҳавии кор бо ҷавонон равона гардидааст, ки бо истифода аз имконот марказҳои ҷавонон метавонанд ҳамчун шахси ҳуқуқӣ табирҳои зиёде амалӣ созанд ва аз нигоҳи молӣ ва моддӣ дар муддати кӯтоҳтарин устувор гарданд.

Инчунин, ҷалби таваҷҷӯҳи мақомоти иҷроияи маҳалии

ҳокимияти давлатӣ барои рушду камоли ҷавонон низ аз қабили ҳамин усулҳои фаъолият маҳсуб мегардад.

Ҷорӣ кардани ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, иштирок намудан дар ҷараёни қабули асноди меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба ҷавонон дар соҳаи саломатӣ, ҷалби маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои мувофиқ ба шароити маҳал ва ғайра ба салоҳияти бевоситаи Марказҳо дохил аст.

Дар самти қабули барномаҳои маҳаллии давлатии кор бо ҷавонон равона гашта марказҳо метавонанд ба воситаи мақомоти ваколатдори давлатии ҷавонон, варзиш ва сайёҳи дар чорабиниҳои дахлдори мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ иштирок намоянд.

Дар самти таҳия ва ҷалби маблағгузории лоиҳаҳои ёрирасон марказҳо метавонанд бевосита ба ташкилотҳои дахлдори донор муроҷиат намоянд ва ё ба воситаи сохтори ҷавонон варзиш ва сайёҳӣ мақсаду мароми худро амалӣ созанд.

Дар самти ҳамкорӣ марказҳо метавонанд бевосита ва ё ба воситаи мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон фаъолияти худро оид ба гузаронидани чорабиниҳои якҷоя равона созанд.

### 6.1.6. **Роҳу усулҳои ҳамкорӣ**

Барои пешрафти фаъолияти корӣ бо ташкилот ва муассисаҳои дахлдор ҳамокриҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондан зарур аст. Воқеан ҳамокрӣ низ худ ба худ пайдо намешавад ва он ба худ хусусиятҳои хос, роҳу усулҳои муайянро соҳиб аст.

Хусусиятҳои асосии ҳамкорӣ чунин аст:

- Муайян намудани эҳтиёҷоти воқеӣ.

Пеш аз оғоз кардани ҳамкорӣ, новобаста аз хусусиятҳои он (хоҳ барои ҷалби маблағ, хоҳ барои истифодаи бино ва неруи техникӣ ва ғайра) зарур аст, ки эҳтиёҷоти воқеии Марказ (гурӯҳҳои мақсадӣ, худи Марказ, кормандон ва ғайра)

муайян гардад ва он таҳлил гашта оид ба зарурати ҳалли он арқоми оморӣ омода гардонида шавад. Инчунин, якчанд роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои пайдогашта муайян карда шавад. Эҳтиёҷоти воқеиро барои возеҳ гаштанаш зарур аст, ки ба таври хаттӣ рӯи хат оварда шавад, яъне ба таври муқаррароти умумии (моҳияти асосии) лоиҳа таҳия гардад.

- Омӯзиш.

Барои муайян намудани самти фаъолият ва соҳаҳои афзалиятноки дилхоҳ ташкилот зарур аст, ки иқтидори он мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирад. Барои ин роҳҳои гуногуни таҳлил мавҷуд аст. Бо роҳи ҷамъоварии иттилоот, пурсиши ҳамкорони ташкилоти ҳамкор, таҳлили ҳисобтҳои даврӣ, баҳо додани дастовардҳои ниҳоӣ ва ғайра.

- Ба эътибор гирифтани манфиати ташкилоти ҳамкор.

Дилхоҳ ташкилот манфиатҳои ба худ хос дорад. Яке аз усулҳои асосӣ, ки дар бисёр ҳолатҳо ба муваффақият метавонад ноил гардонад ин муайян кардан ва ба назар гирифтани манфиати ташкилоти ҳамкор мебошад. Мафиатнокӣ аз барномаҳои ташкилот фарқияти калон надорад, тафовути байни онҳо танҳо дар умумият ва мушахассияти фаъолият аст. Яъне, агар барномарезии ташкилот умумӣ бошад, пас манфиати он нисбат ба масъалаҳои муайян мушаххас мебошад.

Аз ин рӯ, барои ҷалби ташкилоти ҳамкор зарур аст, ки манфиатнокии бевоситаи он пешакӣ муайян гардад ва мавриди таҳияи лоиҳаи (барномаи) дахлдор ворид карда шавад.

- Муроҷиат

Муроҷиат дар навбати худ якчанд навъ мешавад.

Хаттӣ (расмӣ) – яъне, ба воситаи мактуби расмӣ дилхоҳ ташкилот ба ҳамкорӣ даъват карда мешавад (замимаи 7).

Шифоҳӣ (даҳонӣ) – яъне, бо роҳи гуфтушунид амалӣ мегардад. Дар ин васила ба воситаи телефон ва ё вохӯрии бевосита гуфтушунид метавонад сурат гирад. Бояд хотиррасон намуд, ки мавриди доир намудани гуфтушунид зарур аст, ки ҷониби ҳамкор пешакӣ огоҳонида шавад. Ин

эҳтироми хосаро нисбат ба ташкилоти ҳамкор шаҳодат медиҳад.

Электронӣ – ба воситаи шабака интерентӣ. Ин усули муроҷиат айни замон машҳур гаштааст, вале дар бисёр ҳолатҳо ба муваффақият оварда намерасонад. Чунки, ин гуна муроҷиатҳо ҳамчун муроҷиати расми дониста намешавад. Кафолати муроҷиати расмӣ танҳо мӯҳр ва ё бланки махсуси ташкилот дониста мешавад. Мавриди муроҷиати электронӣ бошад ин имкониятҳо маҳдуд аст.

Новобаста аз ин ҳама намуди муроҷиатҳо ба худ хусусиятҳои хос дорад, вале набояд фаромуш кард, ки муроҷиат бояд ба шкли навиштаҷоти мухтассар дар ҳаҷми як ё ду саҳифа бо замимагардии лоиҳа ва пешниҳодоти ифода ёбад. Навиштаҷоти бисёр дар ҳаҷми зиёда аз се саҳифа дар бисёр ҳолатҳо пурра аз ҷониби шахси қабулкунанда хонда намешавад, яъне он дилгиркунанда мебошад ва амалӣ намегардад. Барои ҳамин зарур аст, ки макутб ба таври мушаххас ва боқимонла иттилоот ба таври Лоиҳа замима гардад. Замима гаштани дилхоҳ ҳуҷҷат дуюм дараҷа будани онро нишон медиҳад. Вале, дар ҳолати таваҷҷӯҳ кардани тарафи ҳамкор эҳтимол дорад, ки замима низ пурра таҳлил карда мешавад. Дар ин ҳолат бо боварии комил метавон гуфт, ки муроҷиат бомуваффақият хоҳад анҷом ёфт.

<u>- Муроҷиат ба шакли Лоиҳа.</u>

Атрофи ин масъала аллакай дар боло ишора карда будем ва дар ин ҷо мухатассар онро маънидод месозем.

Умуман ҳама намуди муроҷиат бояд ба шакли Лоиҳа ва ё барномаҳои махсус таҳррезӣ гардад, танҳо дар ҳамин ҳолат метавонад бемамониат амалӣ шавад. Таҳияи Лоиҳа тартиби махсусро талаб менамояд, ки барои он дар поён алоҳида меистем.

Хусусияти ассосии таҳррезии Лоиҳа дар он аст, ки дилхоҳ муроҷиат ба таври возеҳ ва равшан таҳлил гардида таҳия ва татбиқ мегардад. Барои ҳамин таҳия ва замимами Лоиҳаи дилхоҳ мушкилот мавриди муроҷиат зарур аст.

6.1.7. **Роҳу усулҳои таҳияи барномаҳои амалӣ ва лоиҳаҳои ҳамкорӣ (ҷалби маблағгузорӣ)**

Амалигардии бомуваффақияти дилхоҳ масъала таҳррезӣ ва таҳлили амиқу равшанро мувофиқи шароити маҳал талаб менамояд. Ин таҳррезиро одатан дар шароити ҷомеаи муосир ба таври таҳияи Лоиҳа, Барнома, Нақшаҳо ва ғайра, ки мушкилоти ба вуқӯъ омадаро ҳаматарафа таҳлил менамояд амалӣ мегардонанд. Аз байни инҳо Лоиҳа ё ин ки Проект маъруфу машҳуртар гардидааст. Чунки одатан Барнома ба таври умумӣ ва Нақша бошад ба таври кифоя мушаххас тартиб дода мешвад. Вале Лоиҳа ин тафовутро ба пуррагӣ фаро мегирад ва қадам ба қадам моҳияти масъаларо таҳлил намуда роҳҳои ҳалли онро пешниҳод менамояд.

Одатан Лоиҳа дар асоси шаклҳои махсуси дархостии дилхоҳ ташкилот мувофиқи талаботу шароити он таҳия мегардад. Вале бисёр ташкилотҳое, мавҷуданд, ки шакли ягонаи дархост надоранд ва онҳо талаб менамоянд, ки ба таври озод Лоиҳа таҳия ва пешниҳод гардад, аз ҷумла ин имконот нисбат ба ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалии навтаъсис дида мешавад.

Новобаста аз ин дилхоҳ Лоиҳа аз чунин қисматҳои таркибӣ иборат аст, ки амалигардонии онҳо дар ҳама гуна шаклҳои дархост фаро гирифта мешаванд:

1. Шиносномаи Лоиҳа
2. Фаъолияти (иқтидори) ташкилот
3. Муҳимияти масъала
4. Мақсад ва вазифаҳо
5. Роҳу усулҳои амалигардонии вазифаҳо
6. Натиҷаи ниҳоӣ
7. Нақшаи тақвимии амалигардонии чорабиниҳо
8. Буҷети Лоиҳа

Ин ҳашт қадамест, ки барои таҳияи дилхоҳ Лоиҳа муҳим аст, яъне ин қадамҳо сохтори таркибии Лоиҳаро ташкил медиҳанд. Мавриди ба эътибор нагирифтани яке аз ин қадамҳо Лоиҳа метавонад номукамал таҳия гардад, чунки

ҳар як қадами муайянгашта ба ҳамдигар пайваст мебошад. Мавриди ҷудо шудани як қадам пайванд канда мешавад ва Лоиҳа бе маҳсул дониста мешавад.

Ҳар як қадамро дар алоҳидагӣ таҳлил менамоем.

1. Шиносномаи Лоиҳа

Дар ин қисмати Лоиҳа, ки «Шиносномаи Лоиҳа» ва ё одатан бо забони руссӣ «Титульный лист» номгир мешавад, маълумоти мухтассар оид ба нишондодҳои ташкилот таҳия мегардад. Ба хусус номи Лоиҳа, номи ташкилот, рақами тартибии қайди ташкилот, суроға ва телефон, ному насаби роҳбари ташкилот, роҳбари Лоиҳа, муҳосиби ташкилот (Лоиҳа), нишонии бонкӣ, маблағи умумӣ, мавҷуда (саҳми ташкилот), пурсидашаванда. Шиносномаи Лоиҳа бо имзо ва мӯҳри ташкилот тасдиқ карда мешавад.

Ҳаҷми қисмати мазкур набояд аз як саҳифа зиёд бошад.

2. Фаъолияти (иқтидори) ташкилот

Ин қисмати Лоиҳа муҳим аст, чунки маҳз аз рӯи ҳамин қисмат иқтидор ва дастовардҳои ташкилот баҳо дода мешавад. Сараввал маълумот оид ба мақсад ва самтҳои асосии фаъолияти ташкилот бо дарназардошти мушкилоти нишондодашуда таҳия меградад. Сипас, зарур аст, ки ҳамбастагии мақсаду мароми ташкилот бо мақсаду вазифаҳои ниҳоии Лоиҳа нишон дода шавад, маълумоти мухтассар нисбат ба Лоиҳа ва амалиётҳои то инҷониб амалигардонидани ташкилот, манбаҳои маблағгузории ин амалиётҳо, ташкилотҳои ва шарикони ҳамкор ва саҳми онҳо нишон дода шавад. Инчунин, таҳияи дастовардҳо ва баратарии мақсаду мароми ташкилот мувофиқи мақсад аст.

Ҳаҷми қисмати мазкур набояд аз як-ду саҳифа зиёд бошад.

3. Муҳимияти масъала

То ин ҷониб, сухан танҳо дар бораи иқтидори воқеъии ташкилот мерафт, дар ин қадам бошад муҳимияти ҳалли масъала, мушкилоте, ки онро Лоиҳа баррасӣ менамояд нишон дода мешавад. Дар ин қисмат зарур аст, ки таваҷҷӯҳ бештар ба таҳлили иттилоотии вазъият, овардани арқоми оморӣ

нигаронида шавад. Муҳимияти масъала бо тартиб чунин таҳия мегардад:

- маълумоти умумӣ оид ба вазъияти ба вуқӯъ омада, моҳияти масъала ва зарурати ҳалли он дар шароити маҳал;
- таҳлили вазъият бо нишондоди арқоми оморӣ, натиҷаҳои тадқиқотҳо ва пурсишномаҳо ва ғайра;
- зарурати ҳалли масъала ва ҳабастагии он ба мақсаду мааром ва вазифаҳои оинномавии ташкилот;
- муайян намудани гурӯҳҳои мақсадӣ, нишон додани қишри осебпазири онҳо нисбат ба масъалаи таҳлилгашта;
- роҳу усулҳои амалигардони лоиҳа ба таври умумӣ;
- натиҷаҳои ниҳоии амалигардии Лоиҳа;
- ҷамъбасти моҳияти масъала ва нишондоди мақсади Лоиҳа.

Ҳаҷми қисмати мазкур метавонад аз 3 ва зиёда аз он саҳифаро ташкил диҳад. Ин вобаста ба андозаи Лоиҳа мебошад.

4. <u>Мақсад ва вазифаҳо</u>

Мақсад ва вазифаҳои қисми асосии Лоиҳа маҳсуб мегардад. Мақсад ҷузъи таркибии Лоиҳа буда мафҳум ва моҳияту мундариҷаи пурраи Лоиҳаро нисбат ба масъалаи баррасигашта фаро мегирад. Мс. агар Лоиҳа иборат аз 80 саҳифа ба таври кулл тартиб дода шуда бошад, пас «Мақсад» мундариҷа ва моҳияти ҳамаи ҳамин саҳифаҳоро ба таври ҷузъ дар ҳаҷми 0,2 саҳифа (як срахат) муттаҳид месозад.

Аз ин рӯ, «Мақсад» аз принсипҳои зайл иборат аст:

- дар «Мақсад» моҳияти масъала ба таври мушаххас ва дақиқ (иҷрошаванда) нишон дода шавад;
- моҳияти масъала бояд ченшаванда бошад, андозаи муайян дошта бошад;
- барои амалигардони масъала мӯҳлат нишонд дода шавад;
- моҳияти масъала муайян ва натиҷаи ниҳоии он воқеъӣ бошад.

Мавриди таҳияи «Мақсад» ҳамаи ин принсипҳо ба назар гирифта мешавад, чунки маҳз бо ба роҳбарӣ гирифтани ҳамин

принсипҳо «Мақсад»-и Лоиҳа иҷрошаванда ва воқеъӣ мегардад.

Мавҷудияти ин мушаххасот барои дилхоҳ ташкилотҳои донор муҳим аст.

Вазифаҳои Лоиҳа низ ҳамин принсипҳоро талаб менамояд, вале дар ин маврид онҳо боз ҳам мушаххастар нишон дода мешавад. Яъне, «Мақсад» агар ба шакли як сархат таҳия гашта бошад, пас «Вазифаҳо» ба шакли якчанд зерсархат нишон дода мешавад.

«Вазифа» восита, пайроҳаи чорабиниҳои ба «Мақсад» ноил гаштанро ифода менамояд. Яъне, барои ноил гаштан ба мақсади муайянгашта хоҳ - нохоҳ зарур аст, ки зинаҳои гуногуни фаъолият, чорабиниҳои гуногун ба иҷро расонида шавад. Маҳз ҳамин зинаҳо ва ё чорабиниҳо «Вазифаро ифода менамояд.

Хусуияти асосии «Вазифаҳо» дар он аст, ки онҳо бояд ба шакли замони ҳозира, на оянда нишон дода шавад.

Мс. «50 нафар ҷавонон дар мӯҳлати 2 рӯз бо иттилооти зарурӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар ҷамоати деҳоти «А» фаро гирифта шуд.»

На ин ки «50 нафар ҷавонон дар мӯҳлати 2 рӯз бо иттилооти зарурӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар ҷамоати деҳоти «А» фаро гирифта мешавад».

Ҳама принсипҳои барои таҳияи «Мақсад» муайянгашта мавриди таҳияи «Вазифаҳо»-и Лоиҳа низ ба таври боз ҳам мушаххастар ва дақиқ истифода гардад.

Ҳаҷми қисмати мазкур набояд аз як-ду саҳифа зиёд бошад.

5. <u>Роҳу усулҳои амалигардонии вазифаҳо</u>

Агар «Вазифаҳо» воситаи амалигардонии «Мақсад» бошад, пас «Роҳу усулҳои амалигардонии вазифаҳо» восита ва пайроҳаи дар амал татбиқ гардидани «Вазифаҳо» мебошад. Барои ин ҳар як вазифаи муайянгашта дар навбати худ ба якчанд чорабиниҳо ҷудо мегардад.

Тартиби амалигардонии чорабиниҳо «Роҳу усулҳои амалигардонии вазифаҳо»-ро ифода менамояд. Яъне, барои

амалигардонии ҳар вазифаи муайянгашта дар алоҳидагӣ бояд чорабиниҳо ва роҳу услҳои амалигардонии онҳо ба таври дақиқ ва мушаххас нишон дода шавад.

Дар қисмат бештар бояд ба нишон додани мӯҳлат ва вақти амалигардонии Лоиҳа аҳимят дод, чун ки дар қисмати «Нақшаи амалигардонии чорабиниҳо» бештар мӯҳлат ва вақти амалигардонии чорабиниҳо ба эътибор гирифта мешавад.

Тартиби тақсимоти «Роҳу усулҳои амалигардонии вазифаҳо» чунин ба роҳ монда шавад:

Амалигардонии Вазифаи 1.

…………………

Амалигардонии Вазифаи 2.

……………………..

ва ғайра.

Ҳаҷми қисмати мазкур метавонад аз 2 ва зиёда аз он саҳифаро ташкил диҳад. Ин вобаста ба андозаи Лоиҳа мебошад.

5. Натиҷаи ниҳоӣ

Аллкай аз номгузорӣ маълум аст, ки ин қисмат ба пешаки муайян кардани, интизории натиҷа нигаронида шудааст.

«Натиҷаи ниҳоӣ» ба монанди «Мақсад ва вазифаҳо» бояд мушаххас, ченшаванда ва воқеъӣ бошад. Натиҷа, гарчанде бо мумури вақт ба даст меояд, новобаста аз ин бояд дар замони ҳозира нишон дода шавад.

Мс. «Сатҳи маълумотнокии 50 нафар ҷавонон оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар ҷамоати деҳоти «А» баланд гардид».

На ин ки «Сатҳи маълумотнокии 50 нафар ҷавонон оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар ҷамоати деҳоти «А» баланд мегардад».

Мавридии баррасии Лоиҳа бештар ба ҳамин қисмат низ таваҷӯҳ зоҳир мекунанд. Чунки дилхоҳ шазси ба як Лоиҳа маблағгузоранда пеш аз ҳама фикр мекунад, баҳо медиҳад, ки ин Лоиҳа чи натиҷа медода бошад, оё амалигардонии он воқеъӣ бошад ё хаёлӣ? ва ғайра. Аз ин ру, диққати бешро ба

ҳамин қисмати Лоиҳа додан зарур аст.

Ҳаҷми қисмати мазкур набояд аз 0,5 ва ё 1 саҳифа зиёд бошад

6. <u>Нақшаи тақвимии амалигардонии чорабиниҳо</u>

Қисмати мазкур роҳнамои масъулони Лоиҳа мебошад. Барои ҳамин он кифоя мушаххас ва даққиқ таҳия мегардад. «Нақшаи тақвимии амалигардонии чорабиниҳо» одатан ба таври матриса (таблица), ки иборат аз 5-6 сутунҳо мебошад тартиб дода мешавад. Асоси «Нақшаи тақвимии амалигардонии чорабиниҳо»-ро «Вазифаҳо» ва «Роҳу усулҳои амалигардонии вазифаҳо» ташкил медиҳад. Ҳар як сутунҳои муқарраргашта ба худ хусусияти хос дорад. Мс. дар сутуни «Чорабиниҳо» танҳо тариқи амалигардони чорабиниҳои вазифавии Лоиҳа нишон дода мешавад, дар сутуни «Мӯҳлат» бошад сол, моҳ, ҳафта, рӯз ва вақти гузаронидани чорабиниҳо муайян мегардад.

Ин таносубият ба шакли воқеъи чунин аст:

| №№ | Номгӯи чорабинӣ | Масъул | Мӯҳлат (моҳ) | | | | | | Натиҷаи ниҳоӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | |
| | | | | | | | | | |

Ҳаҷми қисмати мазкур метавонад аз 1 ва зиёда аз он саҳифаро ташкил диҳад. Ин вобаста ба андозаи Лоиҳа мебошад.

8. Буҷети Лоиҳа

«Буҷети Лоиҳа» қисмати муҳим ва баҳсталаби Лоиҳа мебошад ва он ҳамагуна чорабиниҳои Лоиҳаро нархгузорӣ менамояд, ки баъдан вобаста ба он Лоиҳа ба таври пурра маблағгузорӣ мегардад.

Агар дар «Нақшаи тақвимии амалигардонии чорабиниҳо» тартиби баргузории чорабиниҳои Лоиҳа муайян гардад, пас дар қисмати «Буҷети Лоиҳа» маблағгузории ҳамаи ҳамин амалиётҳо (нархгузории чорабиниҳо) муайян мегардад.

Барои тартиб додани «Буҷети Лоиҳа» як чанд қадамро гузаштан зарур аст.

1. Муайян кардани эҳтиёҷоти воқеъии Лоиҳа (гурӯҳҳои мақсадӣ).

2. Дар назар гирифтани талабот, меъёрҳои нархгузории ташкилоти маблағгузор.

3. Муайян намудани нархи истеҳсолӣ ва истеъмолии бозор вобаста ба талаботи Лоиҳа.

4. Ба самтҳои афзалиятнок ҷудо намудани сохтори таркибии буҷети Лоиҳа, ба монанди «Хароҷоти дафтардорӣ», «Хизматрасонии воқеъӣ», «Ҳайати корӣ», «Хизматрасонии бонкӣ», «Таъмини дастгоҳҳои техникӣ» ва ғайра.

5. Муайян намудани саҳми бевоситаи ташкилот;

6. Ба таври минималӣ нархгузорӣ намудани чорабиниҳои Лоиҳа.

Амалӣ гардонидани ҳар як қадами муайянгашта зарур аст, чунки ҳар яки он бо ҳам пайвнд буда дар умум занҷири сарбастро ифода мекунад.

Асоси «Буҷети Лоиҳа»-ро «Нақшаи тақвимии амалигардонии чорабиниҳо» ташкил медиҳад. Ҳар як сутунҳои муқарраргашта ба худ хусусияти хос дорад. Мс. дар сутуни «Чорабиниҳо» танҳо тариқи амалигардони чорабиниҳои Лоиҳа нишон дода мешавад, дар сутуни «Маблағи умумӣ» бошад, ҳаҷми маблағи умумӣ нишон дода мешавад.

Ин таносубият ба шакли воқеъӣ чунин аст:

| №№ | Номгӯи чорабинӣ | Теъдод | Воҳ. ченак | Мӯҳлат | Воҳ. вақт | Нархи як воҳ. | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Маводи дафтардорӣ | | | | | | |
| 1.1. | ……….. | | | | | | |
| 1.2. | ……….. | | | | | | |
| 2. | Ҳайати корӣ | | | | | | |
| 2.1. | ………… | | | | | | |
| 2.2. | …………. | | | | | | |

# VII. Мафҳумҳои асосии фаъолият

Чи тавре маълум аст, марказҳои ҷавонон доираи самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон фаъолият доранд ва асосҳои ташаккулдиҳии онҳо бо дарназардошти эҳтиёҷоти ҷавонони Тоҷикистон ва тақозои замон, яъне дар шароити рушди ҷомеаи муосир ба роҳ монда шудааст. Дар ин сурат хоҳ нохоҳ мавриди амалӣ гардонидани дилхоҳ ташаббуси нав зарур меояд, ки мафҳумҳои хос истифода гардад. Аз ин рӯ, дар зер таърифоти мухтассар оид ба мафҳумҳои барои ҷавонон нав барои истифодаи марказҳои ҷавонон дар фаъолият пешниҳод мегардад

| | |
|---|---|
| Фаъолияти ихтиёрӣ | Фаъолиятест, ки ба таври ихтиёрӣ аз ҷониби шахсони хайрхоҳ барои амалӣ гардонидани чорабиниҳои муайяни хусусияти иҷтимоӣ дошта барои рушду нумуи ҷомеа равона мегардад. |
| Ихтиёрӣ | Шахсест, ки барои хайрхоҳӣ нисбат ба шахси эҳтиёҷманд ихтиёран амалеро (фаъолиятеро) ба анҷом мерасонад, ки он ба манфиати шахси эҳтиёҷманд ва дар умум ба манфиати ҷомеа равона мегардад. |
| Маркази иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон | Марказе мебошад, ки асоси фаъолияти онро хизматрасонии иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона ба наврасон ҷавонон дар самти нигаҳдорӣ ва рушди саломатӣ ташкил медиҳад |
| Ҳамуассис | Ташкилоти ҳамоҳангсози (мақомоти болоӣ) Марказҳои иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон мебошад, ки он дар асоси қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи Марказҳои иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг сохта, вобаста ба ҳисоботҳои даврӣ таҳлил менамояд ва ҷиҳати бартараф кардани бурду бохт чораҳои зурурӣ меандешад. Ҳаммуассис - Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад |
| Мониторинг (таҳқиқ) | Намуди фаъолияте мебошад, ки ҷараёни иҷроиши амалиёти муайянро вобаста ба меъёрҳои махсусан муқарраргашта таҳлил (таҳқиқ, назорат) менамояд |

| | |
|---|---|
| Баҳодиҳӣ | Намуди фаъолияте мебошад, ки ҷараёни иҷроиши амалиёти муайянро вобаста ба меъёрҳои махсусан муқарраргашта таҳлил намуда, хулосаҳои зарурӣ мебарорад |
| Афзалиятнокӣ | Муҳимияти фаъолиятро инъикос менамояд |
| Ҳавасмандӣ | Маводи махсус муқарраргшата буда ба шакли моддиёт ё молиявӣ-маблағӣ (пулӣ) барои иҷроиши андозаи (ҳаҷми) муайяни чорабинӣ ба ихтиёриён таъмин мегардад |
| Кафолат | Намуди фаъолияте мебошад, ки иҷроиши ӯҳдадорӣ, вазифаҳои махсус муқарраргаштаро таъмин менамояд |
| Грант | Амалиёти маблағгузории фаъолияти муайян. Яъне, ба таври ройгон хизматрасонии маблағии фаъолияти муайян. Ва ё ба таври дигар ин амалиётро қарзи бебозгашт низ номгир кардан мумкин аст. |
| Хадамот | Маҷмуаи хизматрасонӣ ва ё дар бисёр ҳолатҳо ҳамчун шабакаи муассисаҳои махсуси хизматрасонӣ дониста мешаванд |
| Хадамоти иҷтимоии ҷавонон | Шахсии ҳуқуқӣ (юридикӣ) буда новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва мустақилиятнокӣ ҷавононро дастгирӣ менамояд, хизматрасонии хайрхоҳонаи иҷтимоӣ, маишӣ, тиббӣ, маърифатӣ-психологӣ, ёрии моддию молиявӣ ва ғайраро ба роҳ мемонад. |
| Хадамоти «Телефони боварӣ» | Хадамоте (ташкилоте, созмоне) мебошад, ки фаъолиятро дар асоси хизматрасонии хайрхоҳонаи иҷтимоӣ, маишӣ, тиббӣ, маърифатӣ-психологӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯи принсипи махфият (конфиденсиалӣ) ба роҳ мемонад. |
| Ӯҳдадориҳои | Иҷроиши вазифаҳои (чорабиниҳои) махсус муқарраргашта |
| Солимии репродуктивӣ | Саломатии ба ҳаёти шаҳвонӣ, зану шаҳвар (хонадорӣ), таввалуди фарзанд ва ҳаёти ҷинсӣ таалуқ дошта мебошад |
| Шаҳвонӣ (ият) | Муносибати алоқаи ҷинсии ду шахс |
| Принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» | Фаъолиятест, ки аз муносибати байниҳамдигарии ду ва ё зиёда шахсони ҳамсиннусол иборат буда барои омӯзиш ва расонидани иттилооти муфид ва манфиатнюки пай дар пай ба якдигар равона гаштааст |
| Рафтори номатлуб | Намуди рафтор ва кирдоре мебошад, ки аз ҷониби одамон мухолифи (бар зидди) тартибот ва талаботи ҷамъиятӣ амалӣ мегардад |

| | |
|---|---|
| Маърифатнокӣ | Дониши (сатҳи баланди маълумотнокӣ) муккамали шахс оид ба дилхоҳ масъалаҳои муҳими ҳаётӣ, рафтор ва кирдори намунавии манфиатноки нисбат ба рушду такомули ҷомеа равона гашта |
| Хизматрасонии машваратии иҷтимоӣ | Расонидани маслиҳатҳои муфид ба шахс нисбат ба бартараф кардани мушкилоти ҳаётӣ |
| Рафтори хавфнок | Рафтори номатлуби шахс, ки ба халалдор кардани ҳаёти ҷамъиятӣ, расонидани таъсири бад ба ҷомеа равона мегардад |
| Муносибатҳои тасодуфии шаҳвонӣ | Алоқаи ҷинсии шахс ба дилхоҳ шахси шиносу ношинос |
| Тасодуфӣ | Рафтори таввакалии шахс, ки оқибати хуб надорад |
| Бемориҳои сироятии ҷинсӣ | Намуди бемориҳое, ки ба воситаи алоқаи ҷинсӣ аз як шахс ба шахси дигар мегузарад |
| ВНМО/БПНМ | Вируси норасоии масунияти бадан/бемории норасоии масунияти муҳасал. Барои фаҳмо будани мундарича минбаъд ҳамчун ВНМО/БПНМ истифода мегардад |
| Боварӣ | Муҳит (атмосфера) ва ё муносибатест, ки дар он шахс худро бехатар ва комил ҳис мекунад, яъне нисбат ба шахси ба ӯ муносибат дошта боварӣ ҳосил мекунад |
| Дастрасӣ | Шароитест, ки ба шахс имконият медиҳад то дилхоҳ мушкилоти худро ба таври ройгон, муфид, имтиёзнок ва ба худ хос ҳал намояд |
| Махфият | Нигоҳ доштани дилхоҳ сиру асрор ва мушкилоти шахс, ки ба ӯ метавонад зиён (зарар) орад. |
| Хайрхоҳона | Таъмини хизматрасонии маҷмӯъӣ нисбат ба дилхоҳ шахс (ҷавонон) ба таври ихтиёрӣ бо таъмини махфият, дастрасӣ ва боварӣ |
| Маҷмӯъ | Амалӣ гардонии якчанд чорабиниҳо ба таври ҷамъ |
| Ҷавонон | Гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ, ки шахсони дар синнусоли 14-30 соларо фаро мегирад |
| Наврасон | Гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ, ки шахсони дар синнусоли 10-18 соларо фаро мегирад |
| Сиёсати давлатии ҷавонон | Системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳо новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликиятдорӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон бо мақсади таъмини тарбия, таълим, рушд ва такомули ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари нерӯи онҳо нсибат ба манфиати ҷомеа равона гаштааст. |

<u>Замимаи 1.</u>
Бо фармоиши Раиси Кумитаи
ҷавонон, варзиш ва сайёҳии
назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 25 январи соли
2012 №02 тасдиқ шудааст

# ОИННОМАИ НАМУНАВИИ КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ «Марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо»

## 1. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҷавонони шаҳри/ноҳияи ___________» (минбаъд Марказ) сохтори таркибии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кумита) буда, фаъолиятро мутобиқ бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамин Оиннома ба роҳ мемонанд.

1.2. Асоси фаъолияти Марказро Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №609 тасдиқ гардидааст, ташкил медиҳад.

1.3. Марказ муассисаи давлатии воҳид (худмаблағгузор) буда, фаъолиятро дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотии наврасону ҷавонон, ки тавассути ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ташвиқотию таблиғотӣ, таълимию маълумотрасонӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалл муяссар мегардад, ба роҳ мемонад.

1.4. Марказ шахси ҳуқуқӣ буда, барои самаранок пеш бурдани фаъолияти худ аз рӯи принсипи худмаблағузорӣ фаолият менамояд ва ҳуқуқ дорад, штамп, мӯҳр, суратҳисоб ва рамзи худро дошта бошад. Сохтори идории Марказ вобаста ба шарту тартибҳои дар Оиннома муқарраргардида,

талаботи ҷомеа ва имконияхои иқтисодӣ вусъат дода шавад.

1.5. Марказ ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои зикргардида ҳамкориро бо сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимию тадқиқотӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ (тиҷоратӣ, соҳибкорӣ, истеҳсолӣ) ва байналмилалӣ, ки фаъолияташон ба ташаккул ва рушди нерӯҳои ақлонию ҷисмонии наврасону ҷавонон нигаронида шудааст, ба роҳ мемонад.

1.6. Мушахассот оид ба ҷойгиршавӣ, соли таъсис, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ташкилшавӣ ва номгӯи ҳуҷҷатҳо дар шиносномаи Марказ ва ё ҳуҷҷати алоқаманд дарҷ мегардад.

## 2. МАҚСАД ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ

2.1. Мақсади асосии фаъолияти Марказ иборат аст аз:

- ташвиқу тарғиби арзишҳои миллӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ, дастовардҳои миллӣ ва таҳким додани зеҳну афкори наврасону ҷавонон ба назмпазирӣ, кори гурӯҳӣ, ташаббускорӣ ва ҳаракатҳои созандагию бунёдкорӣ;
- мусоидат намудан дар ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва вохӯриву сӯҳбатҳо оид ба масъалаҳои ҷавонон;
- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои мухталифи сиёсию-фарҳангӣ ва маърифатӣ ҷиҳати пешгирии рафторҳои номатлуб ва ташаккули идеологияи солим дар байни ҷавонон;
- ба фаъолияти эҷодӣ, ҳунарӣ, варзишӣ, саёҳатӣ, мубоҳисавӣ ҷалб намудани наврасону ҷавонон ва аз ин тариқ пур кардани фазои холигии ҳаёти онҳо;
- таъсис ва пурзӯр намудани фаъолияти маҳфилҳои наврасону ҷавонони фаъол ва ҷорӣ намудани маълумотдиҳиву маърифатноккунонии наврасону ҷавонон бо истифода аз усули ҳамсол ба ҳамсол;
- мусоидат намудан дар ҳалли мушкилоти бекорӣ,

саломатӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷавонон;

- ба роҳ мондани фаъолият бо мақомоти дахлдор дар самти пешгирии оворагардӣ, майзадагӣ, ҷинояткорӣ, нашъамандиву нашъаҷалобӣ ва дигар зуҳуроти нафратовар;

- ба таҳсил, касбомӯзӣ ва ба кор ҷалб намудани наврасону ҷавонон аз гурӯҳи номуташаккил;

- фароҳам овардани рӯҳияи ҳамбастагӣ бо сиёсати имрӯза, пайравӣ ва пуштибонӣ аз он, инчунин иҷтимоӣ намудани наврасону ҷавонон тавассути фаҳмондадиҳии дастовардҳо ва нишондодҳо;

- гузаронидани чорабиниҳои мубоҳиссавию илмӣ ва таҳлилӣ ҷиҳати омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва тарзи ҳаёти солим;

- якҷоя бо мақомотҳои дахлдор ташкил намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корҳои холӣ ҷиҳати мусоидат ба таъмини ҷавонон бо ҷойи кор;

- таъсиси бахшҳои машвартӣ-маълумотдиҳӣ (консултативӣ) оиди масъалаҳои саломатии ҷавонон тавассути пахши варақаҳои иттилоотиву таблиғотӣ, телефони боварӣ ва дигар воситаҳо;

- ба роҳ мондани хизматрасониҳои маишӣ, намоишҳои театрӣ ва синамоӣ, баргузории ҷашну маъракаҳои мардумӣ, фаолиятҳои соҳибкории хурду миёна бо мақсади худмаблағгузорӣ ва рушди малакаҳои ҳунариву касбӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дигар фаолиятҳои тиҷоративу ғайритиҷоратие, ки қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ наменамояд.

2.2. Принсипҳои асосии фаъолияти Марказ иборат аст аз:

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои самарранок бо тамоми сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони саромягузор ҷиҳати татбиқи амалии сиёсати давлатии ҷавонон;

- муттаҳид намудани нерӯи ҷавонон бо мақсади пешгирии рафторҳо ва зуҳуроти нафратовари ҷинояткорӣ, майзадагӣ, оворагардӣ, нашъамандию нашъаҷалобӣ, танфурӯшӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, моҷароҷӯ ва

мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон;

- ба вуҷуд овардани фазои умедбахш, рӯҳияи эътимоду боварӣ ва пайравӣ ба сиёсати ҳукумат ва давлат дар байни ҷавонон;

- вобаста ба тадқиқотҳои илмии анҷомгирифта ҳал намудани мушкилоти асосии ҷавонон, аз ҷумла духтарон;

- дастгирӣ ва ҳавасмандкунии истеъдодҳои ҳунарҳои халқӣ (эҷодӣ ва касбӣ) ҷиҳати рушди фаъолиятҳои иқтисодии хонагӣ ва ҳифзи ҳунарҳои миллӣ;

- баргузорӣ ҷаласаҳои муштарак бо масъулини сохторҳои таълиму тарбия ва ҳифзи ҳуқуқ оид ба таҳлили вазъи мавҷуда дар байни ҷавонон ва барномарезӣ барои ҳалли онҳо;

- дарёфти истеъдодҳои нав, дастгирии ташаббус ва эҷодкориҳои фардиву гурӯҳии ҷавонон, муҳайё намудани шароити мусоиди фароғатию тафреҳӣ, ташкили бригадаҳои меҳнатӣ, клубҳо, студияҳо, ба касбомӯзию ҳунаромӯзӣ ва корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб намудани ҷавонон;

- ба иҷро расонидани корҳои фаъолиятноки мухталифи марказ бо муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатие, ки дар асоси шартномаҳои тарафайн мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудаанд.

## 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ МАРКАЗ

3.1. Марказ фаъолиятро дар асоси Оиннома, ки тибқи тартиби муқарраргардида дар мақомоти дахлдори давлатӣ ба қайд гирифта мешавад ба роҳ монда, ҳуқуқ дорад барои дастрас намудани иттилооти зарурӣ ба сохторҳои мақомоти давлатӣ муроҷиат намуда, барои дар сатҳи баланд гузаронидани чорабиниҳо масъулонро даъват намояд.

3.2. Вобаста ба фармону супоришҳои Кумита метавонад аз рӯи фаъолияти ташкилоту муассисаҳои давлатию ҷамъиятие, ки дар самти кор бо ҷавонон фаъолият мебаранд, назорат бара два ҳамоҳанг созад.

3.3. Барои таҳияи барномаҳои маҳаллии ҷавонон

тадқиқот гузаронанд ва оиди натиҷаҳои фаъолият ва чорабиниҳои гузаронидашуда саривақт ба Кумита гузориш пешниҳод намоянд.

## 4. СОХТОРИ МАРКАЗ

4.1. Директори Марказ сохтори иҷроия маҳсуб шуда, аз ҷониби Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин карда мешавад ва ҳамаи масъалаҳои ба фаъолият тааллуқдоштаро иҷро менамояд. Ҷонишини Директор бо пешниҳоди роҳбар аз тарафи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ё аз вазифа озод карда мешавад.

4.2. Сохтори идории Марказ аз бахшҳо ва хадамоти муҳосибот, ташкилӣ, дастгирии иҷтимоӣ ба ҷавонони озордида ва эҳтиёҷманд, машваратӣ, омӯзиши компютерӣ ва интернетӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, соҳибкорӣ, сайёҳӣ, мубоҳисоти сиёсии ҷавонон, стипендиатҳо ва ғайра иборат мебошад. Инчунин, дар заминаи Марказ хадамоти машваратии ҷавонон, телефони боварӣ бо кафолати махфӣ нигоҳ доштани мавзӯи сӯҳбат бо мақсади расонидани ёрии тиббӣ-равонӣ, маслиҳатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад.

4.3. Вобаста ба пайдошавии масъалаҳо ва имкониятҳои нави молиявӣ мумкин аст дигар мақомоте, ки барои устувории фаъолияти Марказ мусоидат менамояд, таъсис дода шаванд.

4.3. Воҳидҳои кории Марказ ва масъулони бахшҳоро директори Марказ бо дарназардошти ихтисоснокӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд. Директори Марказ назорати умумиро аз рӯи фаъолияти кормандон ба роҳ мемонад.

4.4. Марказ мутахассисони соҳаҳои дахлдорро барои самаранок ва бо ҳисси масъулият пеш бурдани фаъолият дар самти расонидани кӯмакҳои тиббӣ-равонӣ, маслиҳатҳо дар бахши маслиҳатрасонӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ, дастгирии ҷабрдидагони хариду фурӯши одамон, пешгирии нашъамандӣ

ва кӯмакҳои наркологӣ инчунин дигар зуҳуроти нафратовар дар байни наврасону ҷавонон ҷалб менамояд.

## 5. МОЛИКИЯТ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ МАРКАЗ

5.1. Марказ фаъолияти худро дар асоси принсипи худмаблағузорӣ аз ҳисоби даромадҳои бадастомада ба роҳ мемонанд. Инчунин, ҷиҳати ташкили хадамоти ёрирасон фаъолиятро метавонад бо ҷалби манбаҳои ғайрибуҷетӣ ва қарзӣ ба роҳ монад.

5.2. Оид ба фаолияти хоҷагидорӣ дар назди Кумита ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 6. ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

6.1. Фаолияти Марказ дар сурати ҷавобгӯ набудан ба талабот ва меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардонида мешаванд.

Моликият ва воситаҳои техникии Марказ мавриди қатъ гардидани фаъолият ба ихтиёрдории Кумита вогузор карда мешаванд.

Замимаи 2.

**ФАРМОИШ**
**(номи пурраи Марказ)**

«____»________ соли 20__ ш./н.________ №_____

Оид ба _____________________________[1]

Дар асоси _______________________________________[2] ва бо мақсади _______________________________________[3] фармоиш медиҳам:

1. Нақша ва ё барномаи замимагардида оид ба баргузории _______________ (номгӯи чорабинӣ) тасдиқ карда шавад.
2. Харҷномаи замимагардидаи чорабинӣ тасдиқ карда шавад.
3. Масъули бахши молиявӣ маблағи муайянгардидаро тибқи харҷномаи замимагдида ба ____________[4] таъмин (ва ё ирсол) намояд.
4. ______________[5] чорабиниро тибқи барномаи (нақшаи) замимагардида дар сатҳи баланд ташкил намуда, аз натиҷаи он ба Марказ ахборот пешниҳод намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зимаи __________ гузошта шавад.

Директор _________ (имзо) _______(ному насаб)

---

[1] Номгӯи мухтассари чорабинӣ
[2] Банди алоқаманди асноди меъёрӣ, Оиннома, фармоиши муассис, нақшаи корӣ ва ғайра, ки асоси воқеии чорабинии ба нақшагирифтаро ташкил диҳад
[3] Мақсад аз ташкили чорабинӣ ва ё натиҷаи интизорӣ
[4] Ному насаби масъули чорабинӣ ва ё номгӯи ташкилоти масъул
[5] Ному насаби масъули чорабинӣ ва ё номгӯи ташкилоти масъул

Замимаи 3.

Намунаи Нақшаи кори КВД «Маркази ________»
барои соли ________

| № | Номгӯи чорабинӣ[1] | Мӯҳлат[2] | Масъул[3] | Натиҷаи ниҳоӣ[4] |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| 4. | | | | |
| 5. | | | | |
| 6. | | | | |
| 7. | | | | |
| 8. | | | | |

[1] Номгӯи чорабиниҳое, ки дар назар дошта шудааст, тибқи тартиби рақамгузорӣ навишта мешаванд
[2] Мӯҳлати чорабинӣ бо нишондоди моҳ ва ё рӯз навишта мешавад
[3] Ному насаби шахси масъул тибқи чорабинии алоқаманд оварда мешавад
[4] Нишондиҳандаҳои тахминӣ аз натиҷаи чорабинии алоқаманд дар шакли шумора ва ё фоиз оварда мешаванд

Замимаи 4.

# ШАКЛИ ИТТИЛООТИИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТҲОИ ДАВРӢ

Шакли иттилоотии мазкур бо мақсади содда ва ба таври дастрас ҷамъоварӣ, пешниҳод ва таҳлил гардидани ҳисоботҳои даврии сохторҳои Кумита таҳия ва тасдиқ гардидааст.

Аз лиҳоз, минбаъд тамоми сохторҳои Кумитаро зарур аст, ки ҳисоботҳои давриро бо риояи шакли иттилоотии мазкур таҳия ва пешниҳод намоянд.

Дар ҳолати пешниҳод гардидани ҳисоботҳо ба таври анъанавӣ ва ё иҷро/риоя нагардидани шакли мазкур ҳисоботҳо қабул намегарданд ва нисбат ба масъулини соҳа тадбирҳои интизомӣ андешида мешаванд.

| № | Номгӯи чорабинӣ | Асос | Сана | Макон | Ташкилотҳои ҳамкор | Натиҷаҳои ниҳоӣ | Шумораи иштирокчиён |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Замимаи 5.

«ТАСДИҚ КАРДА ШУД»
БО ФАРМОНИ РАИСИ
КУМИТАИ ҶАВОНОН,
ВАРЗИШ ВА САЙЁҲИИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
аз «13» апрели соли 2007
№88

# НИЗОМНОМАИ
# Марказҳои иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Марказҳои иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон (Минбаъд Марказ) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.02.2010 №19 (Минбаъд Фармоиш), дигар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур таъсис дода шудааст.

1.2. Марказ ҳамчун хадамоти махсуси иҷтимоии ҷавонон дар тобеияти сохторҳои Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

1.3. Асоси фаъолияти Марказро хизматрасонии иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона ба наврасон ҷавонон дар самти нигаҳдорӣ ва рушди саломатӣ ташкил медиҳад.

1.4. Ҳамуассиси Марказ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Минбаъд Ҳаммуассис) мебошад, ки он дар асоси қонунгузории ҷории

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур фаъолияти Марказро ҳамоҳанг сохта, вобаста ба ҳисоботҳои даврӣ таҳлил менамояд ва ҷиҳати бартараф кардани бурду бохти Марказ чораҳои зурурӣ меандешад.

1.5. Марказ фаъолияти худро дар асоси принсипҳои хизматрасонии иттилоотӣ-маърифатии Ихтиёрӣ, Боварӣ, Махфият, Дастрасӣ ва Хайрхоҳона нисбат ба наврасон ва ҷавонон ба роҳ мемонад.

1.6. Марказ шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб намеравад, суратҳисоб, печати махсус ва баланси мустақили худро надорад. Таъминоти моддию техники Марказ аз ҷониби Ҳаммуассис амалӣ мегардад.

1.7. Кори Марказ дар ҳамбастагӣ бо дигар хадамот ва муассисаҳои махсуси наврасон ва ҷавонон дар соҳаи солимии репродуктивӣ, танзими оила, пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ ва ВНМО/БПНМ ба роҳ монда мешавад

## II. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

2.1. Мақсади МАРКАЗ

Беҳтар гардонидани вазъи саломатии ҷавонон тавассути хизматрасони иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон оид ба паст намудани таъсири рафтори хавфнок аз қабили муносибатҳои тасодуфии шаҳвонӣ, нашъамандӣ, бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва ВНМО/БПНМ.

2.2. Вазифаҳои асосии МАРКАЗ

2.2.1. Хизматрасонии машваратии иҷтимоӣ ба ҷавонон оид ба пешгирии бемориҳои махсусан хавфнок, аз ҷумла бемориҳои сироятии ҷинсӣ, вируси норасоии масунияти бадан/ бемории норасоии масунияти муҳасал (ВНМО/БПНМ), нашъамандӣ.

2.2.2. Хизматрасонии машваратии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ ва психологӣ ба наврасону ҷавонон бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ.

2.2.3. Маърифатнок гардонидани ҷавонон оид ба солимии репродуктивӣ ва тарзи ҳаёти солим.

2.2.4. Ба роҳ мондани хизматрасонии иттилоотӣ-маърифатии хайрхоҳона нисбат ба тағйир додани рафтори наврасон ва ҷавонон дар соҳаи саломатӣ.

2.2.5. Маслиҳатрасонии иттилоотӣ ва равона кардани ҷавонон ба дигар хадамоти иҷтимоӣ, тиббӣ, равонӣ ва ҳуқуқӣ барои дастрасии хизматрасонии хайрхоҳонаи сифатӣ ва махфӣ.

2.2.6. Гузаронидани таҳқиқи сабабҳо ва манбаҳои баланд гаштани шиддатнокии рӯҳию психологӣ миёни гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ ва равона гардонидани натиҷаи ин таҳқиқ ба мақомоти дахлдор барои андешидани тадбирҳои саривақтӣ.

2.2.7. Таъмини хизматрасонии иттилоотии дастрас ва махфӣ ба наврасон ва ҷавонон дар ҳолатҳои ангезиши рӯҳӣ ва равонӣ ба воситаи хадамоти «Телфони боварӣ».

2.2.8. Амалӣ гардонидани корҳои тарбиявӣ – пешгирикунанда дар асоси далелҳои оид ба проблемаҳои иҷтимоӣ-психологии миёни наврасон ва ҷавонон ошкогардида.

2.2.9. Кор бо волидон, ташаккули муҳити солими оилавӣ оид ба огоҳонидани шаклҳои девиантии (номатлуби) рафтор.

2.2.10. Ҷалб ва тайёр кардани ихтиёриёни наврас ва ҷавон дар соҳаи солимии репродуктивӣ аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол».

## III. ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТ

3.1. Шакли ҳуқуқии Марказ дар асоси моддаҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (22, 23) ва «Оид ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (моддаи 5) ташкил дода мешавад.

3.2. Марказ ҳуқуқ дорад:

3.2.1. Бо ҷалби маблағгузории ватанӣ ва хориҷӣ фаъолияти фоиданокро ба роҳ монад;

3.2.2. Сохтори ташкилӣ ва идории худ, самтҳои афзалиятнок ва нафъи фаъолияти хеш, тартиби ташаккул,

истифода ва ҳаҷми фондҳоеро, ки аз даромад (фоида) ба миён меояд, дар мувофиқа бо Ҳаммуассис муайян кунад;

3.2.3. Сохторҳои худ, гурӯҳхои ташаббусӣ ва ғайраро ташкил намояд;

3.2.4. Ба ашхоси дигари ҳуқуқӣ ва ашхоси алоҳида, ки барои Марказ ва ё воҳидҳои сохтории он кор ё хизматрасониро анҷом медиҳанд, захираҳои моддию пулӣ диҳад, аз ҷумла аз ҳисоботи фонди пардохти музди меҳнат;

3.3. Марказ мувофиқи шаклҳои махсуси иттилоотӣ ҳар семоҳа оид ба фаъолияти ба анҷомрасида ба Ҳаммуассис ҳисоботи хаттӣ медиҳад. Инчунин, дар ҳолати маблағгузории фаъолият аз ҳисоби манбаҳои ғайрибуҷетӣ Марказ ҳар моҳ ҳисоботи молиявии фаъолиятро (нусхаи аслӣ) ба ташкилоти маблағгузор ва нусхаи ҳисоботро ба Ҳамуассис пешниҳод менамояд.

3.4. Хадамоти «Телефони боварӣ»-и Марказ мувофиқи шаклҳои махсуси иттилоотӣ, ки махфияти шахсии мурочиаткунандагонро нигоҳ медорад, ҳар семоҳа оид ба вазъи ҳолат ба Ҳаммуассис барои баррасӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

## IV. СОХТОРИ ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

4.1. Ба салоҳияти истисноии Ҳаммуассиси Марказ дар асоси Фармоиш ҳалли чунин масъалаҳо дохил мешаванд:

- роҳбар (Ҳамоҳангсоз-ихтиёрӣ) ва ихтиёриёни Марказро ба воситаи ташкили озмун ва Комиссияи салоҳиятдор ба фаъолияти ихтиёрӣ интихоб намуда барои ба имзо расонидани шартнома ва қабул гаштан ба кор ба ташкилоти маблағгузор пешниҳод менамояд. Мавриди ба талаботи Низомномаи мазкур ва шатнома ҷавобгӯ набудани ҳамоҳангсоз-ихтиёрӣ ва ихтиёриёни Марказ, онҳоро аз вазифа озод намуда пешниҳоди зарурииро барои қатъ гардонидани шартнома ба унвони ташкилоти маблағгузор ирсол менамояд.

- самтҳои асосии фаъолияти Марказро дар бораи иштирок дар асотсиатсияҳо ва дигар гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

муайян менамояд;

- ба таъсиси зерсохторҳои Марказ ва муайян намудани ваколатҳои онҳо мусоидат менамояд;

- дар асоси Фармоиш оид ба аз навташкилдиҳӣ, барҳамдиҳии ва ё устувории нерӯи Марказ қарорҳои зарурӣ қабул менамояд;

- Низомномаи Марказро тасдиқ менамояд;

- самтҳои фаъолияти хоҷагидоррии Марказро муқаррар менамояд.

4.2. Идораи Марказ аз ҷониби роҳбари Марказ анҷом дода мешавад. Роҳбари Марказ масъалаҳои зеринро мустақилона ҳал менамояд:

- аз номи Марказ бидуни ваколатнома амал намуда аз ҷумла манфиатҳои онро намояндагӣ ва аҳдҳоро амалӣ менамояд;

- барои интихоб ва қабули ихтиёриён ва дигар кормандон озмун ташкил менамояд;

- ихтиёриёнро ба миқдори на кам аз 5 нафар аз ҳисоби наврасон ва ҷавонони фаъоли синнусоли 17-24 сола бо дарназардоштии баробарии гендерӣ дар асоси шартномаи махсус ҷалб ва қабул менамояд;

- шартномаҳо ва аҳдҳои дахлдорро ба имзо мерасонад.

4.3. Роҳбари Марказ танҳо шахсоне метавонанд интихоб гарданд, ки нишондиҳандаҳои махсус ва малакаҳои идорӣ ва сарвариро доро бошанд.

4.4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ихтиёриён ва маслиҳатчиёни Марказ дар асоси шартнома ва меъёрҳои махсус таъмин мегарданд.

4.5. Барои кор дар Марказ ихтиёриён ба таври бемаблағ ва ё танҳо ҳавасмандгардонӣ, ки малакаҳои махсус дошта бошанд ҷалб мегарданд.

4.6. Ҳайати кории Марказ дар як рӯз на кам аз 3 соат дар мӯҳлати аз 8:00 пагоҳӣ то 17:00 бегоҳӣ дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи меҳнатӣ фаъолият менамоянд.

4.7. Бинои Марказ аз 15 $м^2$ иборат буда бояд ба ҳамаи

талаботи зиддисухторӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ бошад.

## V. ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

5.1. Маблағгузории фаъолияти Марказ метавонад аз манбаҳои буҷетӣ ва ё ғайрибуҷетӣ амалӣ гардад.

5.2. Воҳидҳои кории Марказ бо дарназардошти имконияти молиявии Марказ ташкил карда мешванд. Роҳбари Марказ рӯйхати воҳидҳои корӣ, сметаи хароҷот, тартиби пардохти ҳаққи хизмати кормандонро (ба таври соатбай, рӯзона, моҳона) таҳия намуда барои мувофиқа ва тасдиқ ба Ҳаммуассис пешниҳод менамояд.

5.3. Андозаи ҳавасмандии (маоши) кормандони Марказ дар асоси шартнома ва имконияти молиявии Марказ муайян карда мешавад.

5.4. Роҳбари Марказ мавриди гузаронидани чорабиниҳо пешниҳодоти зарурииро таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳаммуассис ва маблағгузор ирсол менамояд.

Амволи Марказ аз моликияти давлатӣ ҷамъиятӣ иборат буда, ба Марказ барои идораи хоҷагидорӣ дар фаъолият вобаста карда шудааст.

1.5. Манбаъҳои ташкил ёфтани молу мулки Марказ:

- саҳмияҳои пулӣ ва моддии Ҳаммуассис ва манбаҳои ғайрибуҷетӣ;
- кафолатҳое, ки барои фаъолияти Марказ аз фондҳои ватанӣ, хориҷӣ ва ташкилотҳо баҳри татбиқи барномаҳои рушди саломатии ҷавонон ба даст оварда мешаванд;
- грантҳои (хайрияҳои) ташкилоту муассисаҳо ва шахсони аллоҳида;
- даромадҳое, ки мутобиқи вазифаҳои Низомномавӣ аз фаъолияти Марказ ба даст меоянд.

## VI. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ИНТИХОБИ МУТАХАССИСОН БАРОИ КОР ДАР МАРКАЗ

6.1. Синнусоли воқеии кормандони Марказ бояд 17-30 ва дар ҳолати зарурӣ то 35 мебошад.

6.2. Дар Марказ ба сифати роҳбар мутахассиси соҳаи омӯзгорӣ ва ҷамъиятшиносии бахшҳои омӯзишии махсусро гузашта, дорои таҷрибаи соҳавӣ буда интихоб мегардад.

6.3. Ба хадамоти «Телефони боварӣ»-и Марказ шахсоне барои кор қаубл карда мешаванд, ки саломатӣ ва хусусиятҳои шахсии онҳо ба талаботи кор ҷавобгӯ бошанд ва малакаҳои маслиҳатрасонии ихтисосиро дошта бошанд.

6.4. Ба сифати ихтиёрии Марказ шахсони синнусоли 14-24 сола бо дарназардоштии ҷанбаҳои гендерӣ ва қобилияти ташкилотчигӣ, ровигӣ ва сарварӣ ҷалб карда мешаванд.

## VII. НАЗОРАТ ВА ҲАМОҲАНГСОЗӢ

7.1. Назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Марказро Ҳаммуассис ва ташкилотҳои маблағгузор дар доираи ваколати худ ба амал мебароранд.

7.2. Ҳаммуассис ҳуқуқ дорад аз шахсони мансабдор ва ҳайати кормандони Марказ, пешниҳод намудани тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва баёноти шахсиро талаб намояд.

## VIII. БАРҲАМДИҲӢ ВА АЗНАВТАЪСИСДИҲӢ

8.1. Барҳамдиҳӣ ва азнавтаъсисдиҳии Марказ дар ҳолати иҷро нагаштани ӯҳдадориҳои Низомномавӣ аз ҷониби Ҳаммуассис ва мувофиқи Фармоиш дар доираи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровардa мешавад.

8.2. Ҳангоми азнавтаъсисдиҳӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Марказ ба зиммаи Ҳаммуассис мегузарад.

8.3. Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқ гаштан аз ҷониби Ҳаммуассис– Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори ҳуқуқи пайдо мекунад.

Замимаи 6.

**Шартнома**
**байни Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва**

______________________________________________

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кумита) ва ______________ __________________________________________ (минбаъд Муассисаи заминавӣ), ки минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд,

- баҳри татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013,

- дар доираи Лоиҳа оид ба устуворӣ ва рушди фаъолияти Марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон (Минбаъд Лоиҳа),

- ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷавонон, тарғиби тарзи ҳаёти солим, омӯзишӣ забонҳо, технологияи иттилоотӣ, компютер ва малакаҳои соҳибкорӣ, инчунин ташкили фароғати ҷавонон,

ба мувофиқаи зайл расиданд:

Моддаи 1

Мақсади асосии Шартнома танзим ва мусоидат ба устуворӣ ва рушди фаъолияти Марказҳои маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон (минбаъд Марказ) дар самти беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии ҷавонон тавассути хизматрасони маҷмӯии маърифатӣ-иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон оид ба паст намудани таъсири рафтори хавфнок ва номатлуб миёни ҷавонон, омӯзиши ҷавонон ба малакаҳои ҳаётӣ (забонҳои хориҷӣ, касб, ҳунар ва ғайра) ва рушди малакаҳои соҳибкорӣ мебошад.

Моддаи 2

Ҳамоҳангсозии фаъолияти Марказ аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии таъмин мегардад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 Марказ ташкилоти системаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар фаъолият ҳуқуқҳои дар ин сандаҳо муқаррар гардидаро роҳнамоӣ менамояд.

Моддаи 3

Дар доираи татбиқи Лоиҳа Тарафҳо вазифадор мегарданд:

- баро фаъолияти мустақилонаи Марказ ва ташаккули имконияти васеъ барои рушдёбӣ шароити мусоид фароҳам биёранд;
- барои омӯзиши ҳайати асосии кории Марказ оид ба кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ, малакаи идоракунӣ ва сарварӣ, соҳибкорӣ ва шуғли ҷавонон мусоидат намоянд;
- маводи дахлдори иттилоотию амалиро дар рафти татбиқи Лоиҳа ба Марказ таъмини намоянд;
- ҷараёни фаъолияти Марказро назорат ва баҳодиҳӣ намоянд;
- барои дастрасии маблағгузории фаъолияти Марказ, аз ҷумла ташкили хадамоти иловагии ёрирасон мусоидат намоянд.

Моддаи 4

Тамоми таҷҳизоти техникӣ ва мебелии Марказ дар тавозуни Кумита мебошад ва вобаста ба он ҳуқуқи истифодабарӣ муқаррар мегардад.

Моддаи 5

Кумита ӯҳдадор аст:

- фаъолияти комилҳуқуқии Марказро таъмин намояд;
- ҷиҳати таҷҳизонидани иловагии Марказ дар доираи татбиқи Лоиҳа мусоидат намояд;
- барои омӯзонидан, аз ҷумла ташкили курсҳои омӯзиши малакаи соҳибкорӣ, забонҳо, компьютер ва омода намудани мутахассисони ва ихтиёриёни Марказ мусоидат намояд;
- ҷиҳати таъмини заминаҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкили хадамоти дахлдор ва иловагӣ мусоидат намояд;
- заминаҳои ҳуқуқии таъмини сертификатро (шаҳодатномаро) барои омӯзиши ҷавонон (гурӯҳҳои мақсадӣ) ташкил диҳад;
- барои баргузории семинару вохӯриҳо ва чорабиниҳои таблиғотию фарҳангии минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ шароити мусоид фароҳам диҳад.

Кумита ҳуқуқ дорад:

- ҷараёни фаъолияти мустақилонаи Марказро (шароитҳои фароҳамовардаро) назорат барад, баҳодиҳӣ намояд ва дар ҳолати зарурӣ оид ба беҳтар гардонидани вазъият қарорҳои зарурӣ қабул намояд;
- ҷараёни истифодаи самарраноки таҷҳизоти Марказро назорат намояд ва дар ҳолати зарурӣ оид ба беҳтар гардонидани вазъият қарорҳои зарурӣ қабул намояд;
- сатҳи квалификатсия, дониш ва маълумотнокии кормандони (мутахассисони ва ихтиёриёни) Марказро таҳти назорати доимӣ ва баҳодиҳӣ қарор диҳад;
- ҳамоҳангсози Марказро дар асоси озмун ва бо дарназардошти пешниҳоди муассисаи заминавӣ дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъин намояд;

- Низомномаи Марказро тасдиқ намояд.

Моддаи 6

Муассисаи заминавӣ ӯҳдадор мешавад:

- биноми ҷудогардидаи Марказро пурра ба истифодабарии мустақилонаи Марказ бо рафтуои озод таъмин намояд;
- барои рушди фаъолияти Марказ толорҳои (биноҳои) иловагии кориро ҷудо ва таъмин намояд;
- маблағгузории хизматрасонии коммуналиро (барқ, телефон, об ва ғайра) то ду сол барои фаъолияти Марказ аз рӯзи баимзорасонии Шартнома таъмин намояд;
- ширкатҳо ва корхонаҳои маҳаллиро барои омода намудани (тамоюли касбии) мутахассисони ҷавон вобаста ба талаботи Лоиҳа равона созад;
- кафолати бехатарӣ ва дастгирии кормандони Марказро таъмин намояд;
- истифодабарии таҷҳизот ва фаъолияти самарраноки Марказро назорат барад.

Моддаи 7

Шартнома дар ду нусха ба забони тоҷикӣ «___» ______________ соли 20__ дар ________________________ ба имзо расидааст.

Аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз ҷониби  муассисаи заминави

Замимаи 7.

**Намунаи дархост (мактуб) мавриди ҷалби маблағгузорӣ барои дилхоҳ чорабинӣ**

БА РАИСИ ______________
___________________________

Мӯҳтарам ________________________,

Барои саҳми самимонаатон дар самти амалигардонии хадамоти иттилоотӣ -маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон дар бахши саломатӣ дар ноҳияи ______________ арзи сипос менамоем.

Чи тавре маълум аст ______________________________ ___________________________________________________[1]

Мавриди дастгирӣ ёфтани чорабинии________________ __% ҷавонон оид ба проблемаи _________________________ маълумотнок мегарданд, ки боиси паст гаштани бемории _________________________ миёни онҳо мегардад[2].

Аз ин рӯ, аз Шумо эҳтирмона хоҳиш менамоем, ҷихати дастгирии молиявии чорабинии ________________________[3] мусоидат намоед.

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар ҳаҷми ____ саҳифа замима мегарданд.

Бо эҳтиром,
(вазифа, ному насаб ва имзо) ______________________

---

[1] Маълумоти мухтассар оид ба муҳимият ва ё зарурати проблема
[2] Маълумоти мухтассар оид ба натиҷаҳои ниҳоии чорабинии ба нақша гирифташуда
[3] Номгуи чорабинии дархости